Мақсади таҳқиқот. Омӯзиши равандҳои ташаккули пайвастаҳои координатсионии гетероядроӣ дар системаи оҳан(II)-оҳан(III)-манган(II)-кислотаи атсетат-об, муайян кардани таркиби химиявии онҳо, шароити мавҷудият, тавсифҳои термодинамикӣ, инчунин хосиятҳои химиявӣ ва биологии комплекси бадастовардашуда.

Вазифаҳои таҳқиқот:

- омӯзиши равандҳои ҳосилшавии комплексҳо дар системаи оҳан(II)-оҳан(III)-манган(II)-кислотаи атсетат-об бо усули потенсиали оксидонии Кларк-Николский ҳангоми T = 298,2 K дар қувваи ионии 0,1÷1,0 M бо перхлорати натрий ва кислотаи хлорат созмоншуда;
- муайян намудани ҳудуди пайдоиш, афзалият ва мавҷудияти устувори шаклҳои координатсионӣ дар системаи таҳқиқшаванда, муқаррар кардани таъсири муҳити кислотагӣ ва қувваи ионӣ ба тақсимшавии онҳо;
- ошкор намудани қонуниятҳои асосии таъсири ионҳои оҳан дар дараҷаи гуногуни оксидшавӣ ва манган(II) бо ионҳои атсетат, муайян кардани таркиби зарраҳои комплексии ҳосилшуда ва муқаррар намудани хусусиятҳои сохторӣ-моделии онҳо;
- коркарди тавсифи математикӣ ва моделҳои химиявии реаксияҳои комплексӣ бо иштироки Fe(III), Fe(II) ва Mn(II), дар маҳлулҳои атсетатӣ гузаранда;
- ҳисоби параметрҳои термодинамикӣ ва собити ҳосилшавии пайвастаҳои координатсионӣ бо истифода аз усули наздиккунии пайдарпай ва муқоисаи функсияҳои оксидшавии таҷрибавӣ ва назариявӣ;
- муқаррар кардани устувории комплексҳои бадастомада аз шароити муҳит ва муайян намудани параметрҳои таъсиркунанда ба ҳосилшавӣ ва ҷамъшавии онҳо дар маҳлул;
- ба амал овардани тавлифи пайвастаҳои координатсионии устувори гетероядроӣ, ҷудо кардани онҳо дар намуди холис, таҳқиқи таркиб ва хосиятҳои химиявии онҳо;
- гузаронидани санҷиши лабораторӣ комплекси гетероядероии $[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2]^{2+}\cdot SO_4$ дар гандуми навъи «ПОЛЕТ» бо мақсади ошкор намудани таъсири физиологӣ, сабзиш ва инкишофи растанӣ;

Объекти таҳқиқот: Fe(III)-Fe(II)-Mn(II)-HAc-H_2O дар қувваи ионии маҳлул 0,1÷1,0 мол/л ва ҳарорати 298,2 K; ҳамаи комплексҳое, ки дар системаи зикршуда ҳосил карда мешаванд, комплекси гетероядроӣ бо таркиби $[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2]^{2+}\cdot SO_4$, инчунин комплекси гетероядроӣ-тухмии гандуми навъи «ПОЛЕТ».

Мавзуи (предмет) таҳқиқот омӯзиши равандҳои ташаккули комплексҳо дар системаи таҳқиқшаванда, муайян кардани ҳудуди афзалият ва мавҷудияти онҳо аз рӯи нишонди pH, таркиб, параметрҳои базисӣ ва моделӣ, собитҳои ҳосилшавӣ, моделҳои химиявӣ, тавозуни моддии реаксияҳои ташаккул, диаграммаҳои тақсимот, хосиятҳои биологии комплексҳо, соҳаҳои имконпазири истифодаи онҳо мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот:

- бори аввал таҳқиқи равандҳои ташаккули комплексҳо дар системаи Fe(II)-Fe(III)-Mn(II)-HAc-H_2O бо усули потенсиали оксидонии Кларк-Николский дар қувваи ионӣ 0,1÷1,0 M ва T = 298,2 K ичро карда шуд, ҳудуди оғози ҳосилшавӣ, мавҷудият ва бартарии зарраҳои комплексӣ пайдо карда шуданд;
- бори аввал хусусиятҳои гирифтани зарраҳои комплексии гетероядроии манган ва оҳан дар маҳлулҳои обии кислотаи атсетат муайян гашт, таркибҳои онҳо, хусусиятҳои сохторӣ ва параметрҳои асосии моделӣ пайдо карда шуданд;
- вобастагиҳои математикӣ ва схемаҳои химиявии реаксияҳои комплексҳосилшавӣ бо иштироки катионҳои манган(II), оҳан(II) ва оҳан(III) мукаммал карда шуданд; бо пайдарпай наздик кардани бузургиҳои функсияҳои оксидонии таҷрибавӣ ва назариявӣ (бо усули итератсия) собитҳои ҳосилшавии зарраҳои комплексӣ муайян гашт;

- вобастагии реаксияҳои ташаккули зарраҳои комплексии моноядрой ва гетероядрой, инчунин устувории онҳо аз қувваи ионии маҳлули корӣ ошкор карда шуд, хусусиятҳои миқдорӣ, ки аз пайдоиши онҳо дар система шаҳодат медиҳанд, ҳисоб карда шуданд;
- маълумоти боэътимод оид ба таъсири pH-и маҳлул ба ҳиссаи молӣ (тақсимшавӣ)-и зарраҳои комплексӣ гирифта шуд, ки аз рӯи онҳо шароити оптималии ба даст овардани комплекси гетероядерии манган ва оҳанро интихоб кардан мумкин аст. Шартҳои зарурии ташаккул ва ҳосилкунии онҳо аз маҳлул дар шакли сахт муайян гардидаанд;
- бори аввал ҳисобҳои собитҳои термодинамикӣ ва коркарди пурраи омории натиҷаҳои озмоиш бо усули оксредметрияи Кларк-Николский пешниҳод карда шуданд;
- бори аввал санҷишҳои лабораторӣ комплекси гетероядроии таркиби $[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2]^{2+}\cdot SO_4$ дар тухмии гандуми навъи «Полет» гузаронида шуд. Муайян гашт, ки ин комплекс ба афзоиши тухмӣ ҳангоми пеш аз кишт намкунӣ таъсири мусбат мерасонад ва метавонад ҳамчун стимулятори самараноки сабзиш ба шумор равад. Дар натиҷаи коркард дарозии навдаҳо 77,8 % ва вазни онҳо 52,3 % зиёд шуд.

Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот. Таҳқиқи ҳудуди ҳосилшавӣ, бартарӣ ва мавҷудияти комплексҳо дар системаи омӯхташуда: Fe(III)-Fe(II)-Mn(II)-HAc-H_2O, муқаррар гаштани қонуниятҳои ташаккули комплексҳои гетероядрой, муайянкании таркиб, параметрҳои базисӣ ва моделии онҳо, тартиб додани моделҳои математикӣ ва химиявии реаксияҳои ҳосилшавии комплексҳои Mn(II), Fe(III), Fe(II), устуворӣ онҳо, ки бо усули итерасия муайян шудааст, муодилаҳои реаксияҳои ташаккули пайвастаҳои комплексии омехталиганд ва гетероядрой дар асоси мувозинати система, дараҷаи ҷамъшавии пайвастаҳои комплексӣ, диаграммаи тақсимшавии онҳо вобаста аз pH, шароити оптималии ҳосилшавии комплексҳои гетероядрой, принсипҳои моделсозии равандҳои ҳосилшавии комплексҳо, алгоритми пешниҳодшудаи ҳисобҳои константаҳои термодинамикӣ ва коркарди пурраи омории натиҷаҳои таҷрибавӣ асосҳои назариявии комплексҳои гетероядроии металлҳои дар боло зикршударо бо кислотаи атсетат дар бахшҳои мувофиқи химияи координатсионӣ пурра мекунанд, инчунин онҳо ба тартиб додани маълумотномаҳо оид ба хосиятҳои термодинамикӣ, физикию химиявӣ ва биологии комплексҳои оҳан ва манган мусоидат мекунанд. Микроэлементҳои Mn(II), Fe(III), Fe(II), инчунин кислотаи атсетат ҷузъҳои муҳими биологии фаъол ба ҳисоб мераванд. Комплексҳое, ки дар асоси ин моддаҳо ба даст овардашудаанд, метавонанд хосиятҳои табобатӣ ва физиологии боз ҳам фаъолтарро нишон диҳанд. Аз ин рӯ, комплексҳои дар боло зикршуда ҳамчун маводҳои доругӣ дар фармакология, тиб, косметология барои ҷавон кардани пӯст истифода шаванд. Ғайр аз ин, онҳо дар соҳаи кишоварзӣ ҳамчун микронуриҳо, инчунин дар соҳаи бойторӣ ва паррандапарвариӣ ҳамчун иловаҳои микробиологӣ ба хӯрок метавонанд истифода шаванд. Барои баланд бардоштани самаранокии интиқоли мақсадноки доруҳо комплекси устувори оҳан ва манган истифода бурда мешавад. Дар кор модели реаксияҳои ҳосилшавии комплексҳо истифода гардидааст. Ин дар якҷоягӣ бо барномаҳои муосири компютерӣ имкон медиҳад, ки таркиб ва параметрҳои модели комплексҳо дақиқ ва зуд муайян карда шавад. Ин шарти моделириниро дар дигар системаҳои оксиду барқароршавӣ бо лигандҳои органикӣ низ истифода бурдан хеле осон мебошад. Параметрҳои моделии комплексҳои ошкоршуда имкон медиҳанд, ки шароити оптималии ҷудо кардани онҳо аз маҳлул муайян гардад ва ба синтези мақсаднок мусоидат кунад. Мутахассисони соҳаи химия ҳамаи собитҳои ҳисобшударо ҳамчун маълумоти иловагӣ истифода бурда метавонанд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои дар ин кори рисола ба даст омада, метавонад ҳангоми хондани курси "Химияи координатсионӣ", машғулиятҳои махсуси ин самт, инчунин ҳангоми иҷрои корҳои хатм ва илмӣ истифода шаванд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- маълумот оид ба омӯзиши реаксияҳои ташаккули комплексҳо дар системаи оҳан(II)-оҳан(III)-манган(II)-кислотаи атсетат-об, ҳудудҳои ҳосилшавӣ, бартарӣ ва мавҷудияти устуворӣ шаклҳои координатсионӣ бо усули потенсиали оксидонии Кларк–Николский (T = 298,2 K; I маҳлулҳои корӣ 0,1÷1,0 M), таъсири мутақобилаи катионҳои Mn(II), Fe(II) ва Fe(III) бо лиганди асосӣ (Ac-ион),

қонуниятҳои асосии муқарраршуда, таркиби комплекси ташаккулёфта (атсетатӣ, гидроксоатсетатӣ, инчунин гетероядрой), хусусиятҳои асосии моделӣ ва сохтории онҳо;

- асоси механизмҳои ҳосилшавии комплекси омехталиганд ва гетероядрой дар системаи таҳқиқшаванда ва таҳлили маълумоти таҷрибавӣ ва ҳисобҳои термодинамикӣ, инчунин тавозуни моддии реаксияҳои мувоффиқи комплексҳосилшавӣ, натиҷаҳои миқдории тақсимоти шаклҳои координатсионӣ дар маҳлул, коркарди ҳиссаи молии онҳо ва дараҷаҳои ҷамъшавӣ вобаста ба туршии муҳит; ҳиссаи молӣ, диаграммаҳои тақсимшавии тасвиршуда ва муайянкунии фосилаи pH барои тавлифи мақсадноки пайвастаҳо бо баромади баланди маҳсулот ва истеъмоли оқилонаи реагентҳо;
- фароҳам овардани шароити ҳосилшавии комплексҳои устувори гетероядроии оҳан ва манган, инчунин роҳҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда барои ба даст овардан ва ҷудо кардани онҳо дар шакли алоҳида, аввалин маротиба санҷишҳои лаборатории комплекси гетероядроии таркибаш $[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2]^{2+}\cdot SO_4$ бо истифодаи нам кардани тухмии гандум пеш аз кишт. Истифодаи гандуми навъи «Полет» барои озмоишҳо. Муқарар гардид, ки ин пайваста нисбат ба моддаи назоратӣ сабзиши тухмӣ ба 22,44 %, дарозии навдаҳо ба 77,8 % ва вазни навдаҳо онҳо 52,3 % баробар аст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо:

- ба даст овардани натиҷаҳои такроршаванда, дақиқ, таҷрибавӣ, таҳлили онҳо бо назардошти коркарди маълумотҳо дар асоси барномаҳои муосири компютерӣ ва омории математикӣ, мувофиқати онҳо бо сарчашмаҳои боэътимодтарин ва маъмул;

- мувофиқати қонуниятҳои нишондодашуда, хулосаи кор аз ҷиҳати натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ ба дастомада аз нуқтаи назари асосҳои химияи ғайриорганикӣ ва физикӣ.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (бо шарҳ ва соҳаи таҳқиқот). Соҳаи таҳқиқот ба шиносномаҳои ихтисосҳои илмии химияи ғайриорганикӣ ва химияи физикӣ мувофиқи бандҳои зерин мувофиқат мекунад.

1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ. Банди 1. Муайян кардани хусусияти таъсир байни таркиб, сохтор ва хосиятҳои пайвастаҳои ғайриорганикӣ (боби II). Банди 2. Таҳияи усулҳои омӯзиши пайвастаҳои ғайриорганикӣ (боби III). Банди 3. Усулҳои ба даст овардан ва омӯхтани сохтор ва хосиятҳои маводҳо дар асоси пайвастаҳои ғайриорганикӣ (боби V). Банди 4. Омӯзиши тағйирёбии химиявӣ-сохторӣ-фазоии пайвастҳои ғайриорганикӣ ҳангоми таъсири гуногун (боби IV). Таркиби химиявӣ ва сохтори пайвастаҳои ғайриорганикӣ (сохтори пайвастаҳои координатсионии металлҳои гуногун), равандҳои комплексҳосилшавӣ ва қобилияти реаксионии пайвастаҳои координатсионӣ, моделсозии равандҳое, ки дар муҳити атроф, дар растаниҳо ва организмҳои зинда бо иштироки объектҳои таҳқиқот дар соҳаи химияи ғайриорганикӣ ба амал меоянд.

1.4.5. Химияи физикӣ. Банди 3. Назарияи маҳлулҳо,таъсири байнимолекулавӣ ва байнизаравӣ (бобҳои II-V). Банди 5. Омӯзиши қонунҳои равандҳои тағйирёбии сохтор ва таркиби системаҳои химиявӣ дар шароити майдони беруна, ҳарорат ва фишор, таъсири якҷояи физикию химиявӣ (боби III). Банди 6. Асосҳои физикию химиявии равандҳои технологияи химиявӣ (боби V).

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Муаллифи кори диссертатсионӣ ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқотро мураттаб сохта, маълумоти пурраи адабиётро оид ба мавзуъ дар давоми 50 соли охир таҳлил кардааст. Илова бар ин, ӯ шахсан тамоми таҷрибаҳо, шарҳ ва коркарди маълумотро анҷом дода, хулосаҳои умумиро аниқ кардааст. Натиҷаҳои таҷрибавии бадастомада дар шакли мақолаҳо, фишурдаҳои маърӯзаҳои конференсияҳои сатҳҳои гуногун пешниҳод намудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ маърӯза ва муҳокима гардиданд дар: Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (бо иштироки олимони

хориҷи) дар мавзуи: «Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар таълими фанҳои табиӣ дар мактабҳои миёна ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ» бахшида ба 150-солагии ҷадвали даврии элементҳои химиявии Д.И. Менделеев (Душанбе, 2019); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати омӯзгорон ва кормандони ДМТ (Душанбе, 2020); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Ҳолати муосир ва дурнамои таҳлилҳои физикию химиявӣ», «20-солагии омӯзиш ва рушди илмҳои табиӣ, дақиқ, риёзӣ» (Душанбе, 2021); Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бо иштироки олимони байналмилалӣ дар мавзӯи: «Актуальные проблемы химической технологии (Ташкент, 2021); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати омӯзгорон ва кормандони ДМТ «Ҳафтаи илм» (Душанбе, 2021); I-st International Scientific Conference «Modern Materials Science: Topical Issues, Achievemts and Innovations», (ISCMMSTIAI-2022) (Tashkent, 2022); Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Интеграция теории, образования и науки с прикладной медициной» (Ош, 2023); VI Конференсияи байналмилалии илмӣ «Масъалаҳои химияи Физикӣ ва координатсионӣ» (Душанбе, 2024, 2026).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Аз рӯи маводи кори диссертатсионӣ 14 кор, аз ҷумла 8 мақолаи илмӣ (сетои онҳо Scopus) дар нашрияҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, як дастури методӣ (70 сах. ё 4,35 ҷ.ч.) 4 маводи конфронсҳои сатҳи гуногун нашр шудааст, 1 патенти хурди ҶТ мавҷуд аст.

Сохтор ва ҳаҷми кори диссертатсия. Кори рисола аз муқаддима, 4 боб, хулосаҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 130 номгӯй, ки дар 149 саҳифаи маҷмӯи компютерӣ оварда шудааст, дар бар мегирад ва аз 32 расм, 31 ҷадвал ва замима (4 саҳифа) иборат мебошад.

МАЗМУНИ АСОСИИ КОР

Дар муқаддимаи кори диссертатсионӣ асоснокии интихоби мавзуъ ва тавсифи пурраи аҳамияти он оварда шудааст. Мақсади таҳқиқоти интихобшуда ва вазифаҳои асосии аз он сарчашмаёфта, ки сохтори асосии диссертатсияро ташкил медиҳанд, пай дар пай муайян карда мешаванд. Илова бар ин, тавсифи мухтасари усулҳои таҳқиқоти дар кор истифодашуда пешниҳод гардидааст. Ҳамаи муқаррароте, ки навгониҳои илмии кор, аҳамияти амалии он ва арзиши назариявии онро ошкор мекунанд, ҷудо карда шудаанд. Сипас, натиҷаҳои асосии кор ва хулосаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда оварда мешаванд.

Боби якуми диссертатсия баррасии таҳлилии адабиёти марбут ба мавзӯи кор мебошад ва асосҳои назариявии таҳқиқотро баррасӣ мекунад. Маълданҳои манган аз замонҳои қадим маълум буданд. Кашфи манганро бо номҳои олимони маъруф К. Шееле, инчунин И. Гана (1774 г.) алоқаманд мекунанд. «Ҳангоми бавуҷудоии бандҳои химиявии манган бо дигар элементҳо ду электрони 4s орбитал ва панҷ электрони 3d орбитал [3] иштирок карда метавонанд». Манган металли нуқранги сафед, сахт ва зудшикан аст. Чор навъи он маълум аст: α-; β-; γ - ва δ-шакл. Он ба осонӣ бо оксиген ба реаксия меравад. Манган микроэлементи хеле муҳим ба ҳисоб рафта, фаъолияти ферментҳоро танзим мекунад, ба хунофарӣ, мубодилаи минералӣ, инкишофи ҳуҷайраҳо, афзоиш (равандҳои репродуктифӣ) таъсир мерасонад, сохтори кислотаҳои нуклеинро мӯътадил мекунад. Дар химияи координатсионии пайвастаҳои манган, ки тибқи таснифоти Уилямс ба шумораи металлҳои ҳаётӣ тааллуқ дорад, ба омӯзиши табиати банди химиявӣ дар биокомплексҳо, муайянкунии сохтор, устуворӣ ва вазифаҳои онҳо, ки дар организмҳои зинда амалӣ мегарданд, диққати махсус дода мешавад. Mn ба таркиби бисёр металлоферментҳои ҳайвонот ва растаниҳо дохил мешавад, ки бе онҳо даври Крепс-истеҳсоли энергия ва нигоҳдории он дар аденозинтрифосфат (АТФ) фаъолият карда наметавонад. «Таҳлили адабиётҳои илмӣ дар 45 соли охир нишон медиҳад, ки таҳқиқи равандҳои комплексҳосилшавии гетероядроии оҳан дар дараҷаҳои гуногуни оксидшавӣ бо ионҳои Mn(II) бо усули потенсиали оксидонӣ амалан вуҷуд надоранд» [5]. Хосиятҳои физикию химиявӣ, аҳамияти биологии манган ва оҳан ҳамчун "металлҳои ҳаётӣ" баррасӣ карда шуданд. Системаҳои Mn(II) бо композитсияҳои


намаки аминометилшудаи каликс резортсин (АМК), ки дараҷаи гуногуни липофилӣ доранд, омӯхта шудаанд. «Дар муқоиса бо комплекси манган(II), устувории пайвастҳои ҳосилшуда нишон медиҳад, ки комплекси гадолиний(III) дараҷаи баландтари устуворӣ дорад. Ҳангоми иштироки якҷояи ҳарду металл дар муҳити хеле турш, зарраҳои координатсионии гетероядроӣ ҳосил мешавад» [1]. Барои комплекси Mn(II) ҳолати гидратии сфераи якуми координатсионӣ баҳо дода шудааст, ки ба муайян кардани хусусиятҳои сохтор ва таъсири зарраҳои комплексӣ дар маҳлул имкон медиҳад. «Оҳан яке аз металлҳои маъмултарин ва аз ҷиҳати химиявӣ фаъол ба шумор меравад. Аз рӯи маҷудият дар қишри замин, он яке аз ҷойҳои намоёнро дар байни элементҳои металлӣ ишғол мекунад ва баъди алюминий дар ҷои дуюм меистад» [6]. Ин металл яке аз муҳимтарин элементҳои биогенӣ мебошад, ки ҷараёни муқаррарии равандҳои нафаскашӣ, хунофарӣ, мубодилаи энергия ва синтези моддаҳои фаъоли биологиро таъмин мекунад. Иштироки ин микроэлемент дар таркиби ферментҳо, сафедаҳо ва пайвастҳои координатсионӣ аҳамияти беназири онро барои ҳамаи организмҳои зинда муайян мекунад. Шаклҳои α, β ва δ-и оҳан бо панҷараи кристаллии ҳаҷмӣ-марказонидашуда ва кубӣ хос мебошанд. Ин шаклҳо аз ҳамдигар бо масофаи байни атомҳо фарқ мекунанд. Оҳан элементи муҳимтарини ҳама гуна объектҳои биологӣ мебошад. Он дар ферментҳое мавҷуд аст, ки равандҳои оксиду барқароршавиро метезонад, инчунин дар пайвастаҳои комплексӣ ҳамчун интиқолдиҳандаи электронҳо хизмат менамояд. Ферменти асосӣ, ки раванди пайвастшавии нитрогени молекулавиро дар узвҳои нитрогендор пайваст мекунад, аз атомҳои оҳан ва молибден иборат аст, ки бо атоми сулфур координатсия мешаванд. Дар сафедаҳои хлоропластҳо (ферродоксинҳо) кластерҳои кубикии Fe_4S_4. мавҷуданд. Оҳан вазифаи ноқили барқиро иҷро мекунад ва гузариши электронҳоро аз хлорофилл ба оксидкунандаҳо таъмин мекунад, зеро иони Fe^{2+} ба осонӣ ба иони Fe^{3+} мегузарад. Нақши оҳан дар равандҳои нафаскашии растаниҳо ва фотосинтез низ бузург аст. Гемоглобин барои интиқоли оксигени молекулавӣ хизмат мекунад. Дар муқоиса бо пайвастаҳои комплексӣ, моддаҳои оддии органикӣ ва ғайриорганикӣ одатан бо фаъолияти камтар ва заҳролудшавии бештар тавсиф карда мешаванд. Комплексҳое, ки аз лигандҳои органикии фаъоли биологӣ ташкил шудаанд, таваҷҷӯҳи махсус доранд, зеро бо сабаби таъсири синергетикии онҳо самаранокии фармакологии онҳо метавонад ба таври назаррас афзоиш ёбад. Кислотаи атсетат лиганд ва метаболити универсалӣ ба ҳисоб рафта, хосиятҳо ва нақши ин компонент асосии системаҳои омӯхташударо тавсиф мекунад. «Кислотаи атсетат (CH_3COOH) яке аз пайвастаи муҳими органикӣ ҳам дар саноати химия ва ҳам дар системаҳои биологӣ ба ҳисоб меравад [7]. Ин кислота дар тиб низ ба таври васеъ истифода мешавад. Бо сабаби хосиятҳои антисептикӣ ва дезинфексионии худ, он барои ором намудани фаъолияти ҳаётии микроорганизмҳои гуногун истифода мешавад. Муайян карда шудааст, ки маҳлули кислотаи атсетат имконияти авҷи баъзе штаммҳои бактерияҳо, аз ҷумла микробактерияҳои силро боз дорад. «Сиркои қӯрғошимӣ» ё «Марҳами қӯрғошимӣ» ин асоси кислотаи атсетати сурб $Pb(OH)_2 \cdot Pb(CH_3COO)$ мебошад, ки қаблан дар тиб васеъ истифода мешуд. Маълумотҳои адабиёти муосир дар самтҳои зерин таҳлил карда шудааст: сохтор ва устувории комплекси d - металлҳо бо кислотаҳои карбонӣ, усулҳои гирифтани онҳо. Муайян карда шудааст, ки комплексҳои гетероядроӣ, гетеровалентии манган ва оҳан бо лигандҳои атсетатӣ, ки биофаъол мебошанд, ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд. Дар охири боб асосҳои назариявии усули "Оксредметрӣ" ва методикаи коркарди омории математикии он барои ба даст овардани натиҷаҳои боэътимод оварда шудаанд. Илова бар ин, нуқтаи назар ба модели математикии мувозинати ионии равандҳои комплексҳосилшавӣ дар маҳлулҳо тавсиф карда шудаанд. Ҷанбаҳои асосии истифодаи амалии комплексҳо оварда шудаанд. «Пайвастаҳои координатсионии оҳан дар соҳаҳои гуногуни илм ва технология васеъ истифода мешаванд. Онҳо дар амалияи тиббӣ, усулҳои таҳлилии таҳқиқот, равандҳои каталитикӣ, ба вуҷуд

овардани маводҳои нави функционалӣ, истеҳсоли кишоварзӣ ва коркардҳои биотехнологӣ истифодаи амалӣ пайдо мекунанд» [8].

Боби дуюми кори диссертатсионӣ тавсифи қисми таҷрибавӣ, усулҳои гузаронидани таҳқиқоти потенсиометрӣ ва коркарди омории маълумотро дар бар мегирад. Асбоби ченкунӣ, электродҳо (платинагӣ - индикаторӣ, шишагӣ барои назорати pH ва хлорнуқрагӣ – электроди муқоисавӣ), усули нигоҳ доштани доимии қувваи ионии маҳлул бо ёрии электролитҳои индифферентӣ тасвир карда шудаанд. Усулҳои ба даст овардани вобастагиҳои таҷрибавии ҚЭҲ аз параметрҳои консентратсионии система (pH, $pC_{Fe(III)}$, $pC_{Fe(II)}$, $pC_{Mn(II)}$, pC_{Ac}) барои муайянкунии намудҳои бартаридоштаи пайвастҳои комплексӣ. Алгоритмҳои сохташудаи изотермҳои таҷрибавии қувваи электроҳаракатдиҳанда ҳамчун функсияҳо пешниҳод карда шудаанд. Муқаррар намудани ядронокӣ ва шумораи координатсишудаи ионҳои атсетат ва гидроксогурӯҳҳо дар сфераи дохилии комплексҳо. «Моҳияти асосии усули оксредметрӣ истифодаи муодилаи Нернст барои системаҳои оксиду барқароршавии гомогенӣ ва гетерогенӣ мебошад...» [9]. Дар зер усули коркарди омории натиҷаҳои таҷрибавӣ аз рӯи қиматҳои β^0_{qpbslk} – константаҳои устувории зарраҳои координатсионӣ оварда шудааст. Ғайр аз бузургиҳои константаҳои устувории комплексҳо хатогиҳои нисбии натиҷаҳои таҷрибавӣ ҳисоб гардидаанд. Ҳисобҳо оид ба устувории комплексҳои бавуҷудомада мувофиқи усули наздиккунии пайдарпай (итерасия) гузаронида шуданд.

Боби навбатии кор муҳокимаи маълумоти гирифташударо «....таҳқиқи комплексҳосилшавии гетероядроӣ дар системаи оҳан(II)-оҳан(III)-манган(II)-кислотаи атсетат-об дар бар мегирад. Бо усули потенсиали оксидонии Кларк-Николский» [10] вобастагии графикии ҚЭҲ аз консентратсияи компонентҳои асосии система омӯхта шудааст, «... барои таҳқиқи равандҳои комплексҳосилшавии гетероядроӣ дар панҷ қувваи ионии (I) маҳлулҳои корӣ». "Ҳар гуна тағйироти миқдории консентратсияи компонентҳои асосии система ба дигаршавии бузургии потенсиали оксидонӣ оварда мерасонад...» [10]. Таҷрибаҳо дар консентратсияи ионҳои металлҳо $1\cdot10^{-4}\div0,5\cdot10^{-3}$; ва кислотаи атсетат аз $1\cdot10^{-1}$ то $1\cdot10^{-2}$ мол/л гузаронида шуданд. Барои нигоҳ доштани доимии қувваи ионии маҳлулҳои корӣ $HClO_4$ (HNO_3), $NaClO_4$ (NaOH) истифода шуданд.


Вобастагии графикии ҚЭҲ аз pH барои системаҳои $Fe^{(II)}/Fe^{(III)}$-Ac-ион-об ва $Fe^{(II)}/Fe^{(III)}$-$Mn^{(II)}$-Ac-ион-об дар расми 1 оварда шудааст. Моҳияти асосии усули оксредметрӣ истифодаи муодилаи Нернст барои системаҳои оксиду-барқароршавии гомогенӣ ва гетерогенӣ мебошад.



Расми 1. - Вобастагии графическии ҚЭҲ-и системаи оҳан(II)-оҳан(III)-кислотаи атсетат-об (каҷ. 1) ва оҳан(II)-оҳан(III)-манган(II)-кислотаи атсетат-об (каҷ. 2) аз pH дар I = 1,0; консентратсияи ҳар се метал $1\cdot10^{-3}$; Ac – ион $1\cdot10^{-2}$ мол/л, T = 298,2 K.


Дар муҳитҳои кислотагии pH (<1,5-1,8) дар вобастагиҳои графикӣ қитъаҳои ростхатта нишон дода шудааст. Аз рӯи назарияи усул, он аз набудани раванди ҳосилшавии комплексҳо дар система шаҳодат медиҳад. Баъдан, бо зиёдшавии pH камшавии потенсиали система ба назар мерасад, ки аз иштироки шакли оксидшудаи Fe(III) ҳангоми комплексҳосилшавӣ шаҳодат медиҳад, ин ба муодилаи Нернст мувофиқат мекунад. Ба муҳити нейтралӣ наздиктар, қитъаҳои каҷхатта каме меафзояд, зеро дар реаксияҳои ҳосилшавии комплексҳо шакли барқароршудаи оҳан Fe(II) иштирок мекунад. Дар иштироки ионҳои Mn(II) каҷхаттаи

ҚЭҲ–pH ба ҳудуди қиматҳои ками pH (ба ҳудуди турш) майл мекунад, ки аз зиёдшавии комплексҳосилшавӣ ва эҳтимоли дохил шудани манган ба таркиби комплекси гетероядроӣ шаҳодат медиҳад. Худи Mn(II) дар ин шароит комплекси устуворро ташкил намекунад. Дар диссертатсия ҷадвалҳои маълумоти таҷрибавӣ оид ба ҚЭҲ аз pH барои системаҳои мангандор ва бе он оварда шудаанд, ки қонуниятҳои номбаршудаи тағйирёбии мувозинатро тасдиқ мекунанд. Маълумотҳои таҷрибавии минбаъда таркиби комплекси атсетатӣ, моно-, полиядроӣ, гетероядроӣ ва таъсири гетероиони Mn(II), инчунин pH-и муҳитро ба таркиби пайвастҳои комплексии ҳосилшуда нишон медиҳанд. Дар расми 2 каҷхаттаҳои вобастагии ҚЭҲ–pH нишон дода шудаанд, ки дар он таъсири ҳарорати 308,2 К (каҷ. 1) ва 318,2 К (каҷ. 2) дар доимии бузургии I=1,0 мол/л (const) ҳангоми раванди ҳосилшавии комплексҳо тавсиф гаштааст. Ҳангоми баланд шудани ҳарорат комплексҳосилшавӣ зудтар ба амал меояд. Реаксияҳо дар ҳолати камтар будани pH ба амал меоянд, ки аз кам шудани энергияи фаъолшавӣ вобаста мебошад.




Расми 2. - Каҷхаттаи вобастагии ҚЭҲ-и системаи оҳан(II)-оҳан(III)- манган(II)-кислотаи атсетат-об аз pH дар I = 1,0; консентратсияи ҳар се метал $1 \cdot 10^{-4}$; T = 1- 308,15; 2- 318,15 К.

Дар расми 3 маълумот бо қиматҳои қувваи ионии гуногуни маҳлулҳои корӣ дар фосилаи 0,10÷1,00 мол/л оварда шудааст. Тағйирёбии қувваи ионӣ ба ҷойгиршавии каҷхаттаҳо таъсири назаррас мерасонад, дар ҳоле ки хусусияти умумии қитъаҳо нигоҳ дошта мешаванд. Ин нишон медиҳад, ки таркиби зарраҳои комплексии ҳосилшуда тағйир намеёбад, гарчанде ки қувваи ионӣ мутаносибан тағйир меёбад ва қуввaҳои таъсири электростатикии зарраҳои базисӣ аллакай дигаранд. Шояд тағйирот он қадар калон нест, ки ба ташаккули зарраҳои таркиби нав мусоидат кунад.




Расми 3. - Каҷхаттаи вобастагии ҚЭҲ аз pH дар системаи оҳан(II)-оҳан(III)-манган(II)-кислотаи атсетат-об ҳангоми I маҳлул 1 - 0,10; 2 - 0,25; 3 - 0,50; 4 - 0,75; 5 - 1,00; консентратсияи ҳар се метал $1 \cdot 10^{-4}$ Ас-ион.

Муайян кардани таркиби эҳтимолии зарраи координатсионӣ одатан аз ифодаи математикӣ барои потенсиали оксидонӣ оғоз меёбад. Барои муайян кардани таркиби аниқ ва ядронокии комплекси ҳосилшуда, каҷхаттаҳои вобастагии ҚЭҲ аз – lg консентратсияи ҳамаи се металл ва Ас-ионҳо таҳқиқ гаштаанд. Вобастагии ҚЭҲ аз $pC_{Fe(III)}$ (рас. 4). Ҳангоми pH = 2,0 қитъаҳои каҷхатта ба сифр баробар аст, ки аз набудани комплексҳосилшавӣ дар муҳити турши қавӣ шаҳодат медиҳад. Дар қиматҳои pH аз 5,5 то 9,0 қитъаҳои каҷхатта ба ν (≈59 мВ) баробар мешавад, ки ин ба таркиби пайвастҳои комплексии ташаккулёфта дохил шудани як атоми оҳан(III)-ро нишон медиҳад. Танҳо комплекси моноядроӣ ҳосил мешавад. Дар pH > 10,0 гидролизи Fe(III) оғоз ёфта, такшини қаҳваранги торики $Fe(OH)_3$ меафтад.




Расми 4. - Системаи оҳан(II)-оҳан(III)-манган(II)-кислотаи атсетат-об. Каҷхаттаҳои вобастагии ҚЭҲ аз pH аз $pC_{Fe(III)}$ ҳангоми қувваи ионии маҳлул 1,00; консентратсияи метал $1 \cdot 10^{-3}$; Ас-ионов $1 \cdot 10^{-3}$ мол/л ва T=298,2 К, pH: 1-2.0; 2-5.5; 3-7.0; 4-9.0.

Вобастагии системаи ҚЭҲ аз $pC_{Fe(II)}$ (рас. 5). Комплексҳосилшавӣ бо иштироки ионҳои Fe(II) ҳангоми pH > 5,0 оғоз меёбад. Таҳлили қитъаҳои каҷхатта ҳангоми гуногун будани pH (4,5-9,6), инчунин қимати ν аз координатсияи як атоми оҳан(II) ба сфераи дохилии комплекс шаҳодат медиҳад.




Расми 5. - Системаи оҳан(II)-оҳан(III)-манган(II)-кислотаи атсетат-об. Каҷхаттаҳои вобастагии ҚЭҲ аз $pC_{Fe(III)}$ ҳангоми қувваи ионии маҳлул 0,5; консентратсияи металҳо $1 \cdot 10^{-4}$; Ас-ионҳо $1 \cdot 10^{-3}$ мол/л ва T=298,2 К.

Вобастагии ҚЭҲ-и система аз $pC_{Mn(II)}$ (рас. 6). Аз расми овардашуда маълум аст, ки қитъаҳо дар фосилаи pH = 5,5-9,0 ба ν баробар аст. Ин исботи он аст, ки як иони Mn(II) ба таркиби пайвастаи координатсионии гетероядроӣ дохил мешавад. Дар муҳити pH < 5,0 манган комплекс ҳосил намекунад, чунки қитъаҳо ба сифр баробар мебошанд.



Расми 6. - Системаи оҳан(II)-оҳан(III)-манган(II)-кислотаи атсетат-об. вобастагии графикии ҚЭҲ аз –lg консен. манган ҳангоми I = 1.0; консентратсияи металҳо $1 \cdot 10^{-4}$; Ас-ионҳо $1 \cdot 10^{-3}$ мол/л, T= 298,2 К, pH: 1 – 2,5; 2 - 5.0; 3 - 7.0; 4 - 9.0.

Муайян карда шудааст, ки табиати химиявӣ ва сохтори лиганди органикӣ ба пойдорӣ ва устувории комплекси ташаккулёфта таъсири муайян мерасонанд. Вобастагии ҚЭҲ аз pC_{HAc} (рас. 7).



Расми 7. - Системаи оҳан(II)-оҳан(III)-манган(II)-кислотаи атсетат-об ва Каҷхаттаҳои вобастагии ҚЭҲ аз -lg конс. Ас-ионҳо ҳангоми T = 298,2 К; I =1,0; консен. металлҳо $1 \cdot 10^{-4}$ мол/л, pH: 1 – 2,5; 2 – 5.0; 3 – 7.0; 4 – 9.0.

Таҳлили қитъаҳои каҷхаттаҳо вобаста ба консентратсияи кислотаи атсетат пайвастшавии пайдарпайи миқдори муайяни лигандҳоро ба металлҳо дар сфераи дохилии комплекс нишон

дод. Дар pH ≈ 5,0 қитъаҳо ба ν баробар аст, яъне як иони атсетат координатсия мешавад. Бо тағйирёбии шароит, қитъаҳо то 2ν меафзояд, яъне аллакай ду лиганда пайваст мешавад. Дар муҳити ишқории заиф ҳангоми pH = 9,0 қитъа дубора ба ν баробар мешавад, яъне боз дар сфераи дохилӣ як лиганд пайваст мегардад. Аз рӯи қитъаҳои пайдошудаи вобастагиҳои таҷрибавии ҚЭҲ-и система аз pH, pC0, pCr, pCMn(II) ва pCAc матритсаи стехиометрикии мувозинат ё модели математикии он (ҷад. 1). тартиб дода шудааст.«Ҳангоми таҳияи модели математикӣ равандҳои диссотсиатсияи протолитикии лиганд, инчунин ташаккули пайвастҳои координатсионии таркиби гуногундошта ба назар гирифта шуданд» [5]. Мувофиқи маълумоти ёфтшуда, сутунҳо ва сатрҳои матритса (мувозинати зинагӣ), ки модели химиявӣ номида мешавад ва равандҳои асосии комплексҳосилшавӣ ва тақсимоти зарраҳоро дар маҳлул инъикос мекунад, тартиб медиҳанд. Ин намунаи система барои тавсифи минбаъдаи математикӣ ва ҳисоб кардани константҳои мувозинати ионӣ, инчунин муайян кардани хусусиятҳои пайвастҳои комплексии бавуҷудомада аз рӯи барномаҳои компютерӣ истифода мегарданд. «Эҳтимол меравад, ки пайвастаҳои ҳосилшуда сохтори полимермонанд доранд, ки дар он марказҳои координатсионии асосии ҳосилшавӣ Fe^{3+} ва 3d-металлҳо мебошан, дар ҳоле ки ионҳои Fe^{2+} нақши порчаҳои купрукиро байни элементҳои сохтории комплексиҷро мекунанд» [11].

Ҷадвали 1. - Матритсаи стехиометрии равандҳои мувозинатӣ дар системаи Fe(III)–Fe(II)–Mn(II)–CH_3COOH–H_2O бо қувваи ионии маҳлул 1,0 ва ҳарорати 298,2 К

Қитъаҳои каҷхаттаи вобастагии ҚЭҲ аз -lg тағйирёбандаҳои консентартсионӣ					Комплексҳо, таркиби онҳо
pH	pC_{Fe3+}	pC_{Fe2+}	pC_{Mn2+}	pC_{Ac}	
-ν	-ν	-	-	ν	$[Fe^{III}Ac(H_2O)_5]^{2+}$
-ν	-ν	-	-	ν	$[Fe^{III}AcOH(H_2O)_4]^{+}$
-ν	-ν	-	ν	ν	$[Fe^{III}Mn^{II}Ac(H_2O)_{11}]^{4+}$
-ν	-ν	-	ν	ν	$[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2(H_2O)_9]^{2+}$
-ν	-	ν	-	ν	$[Fe^{II}Ac(H_2O)_5]^{+}$
-2ν	-	ν	-	2ν	$[Fe^{II}(Ac)_2(H_2O)_4]^{0}$
-ν	-	ν	-	ν	$[Fe^{II}(Ac)(OH)_2(H_2O)_3]^{-}$

Таҳлили қитъаҳои пайдошуда ва каҷхаттаҳои таҷрибавӣ имкон доданд, ки ҳамаи зарраҳои асосии g, p, b, s, l, k муайян карда шаванд. Барои осон кардани кор бо барномаи компютерӣ ва гузаронидани ҳисобҳо, ин зарраҳо дар модели химиявии мувозинати ионии система истифода мешаванд (ҷад. 2). Модели химиявӣ аз сутунҳо ва сатрҳо иборат аст. Сутунҳои ҷадвал зарраҳои асосиро бо рамзҳои g, p, b, s, l ва k нишон медиҳанд ва сатрҳо шумораи комбинатсияҳои имконпазири ин параметрҳоро инъикос мекунанд (ҷад. 1 ва 2) [12].

Ҷадвали 2. - Модели химиявии системаи таҳқиқшудаи оҳан(III)-оҳан(II)-манган(II)-кислотаи атсетат-об дар T = 298, 2 К; I =1,0; консентратсияи металлҳо $1\cdot10^{-4}$; кислота $1\cdot10^{-3}$ мол/л

Системаи таҳқиқшаванда ва компонентҳои асосии он						Комплексҳо, таркиби онҳо
g	p	b	s	l	k	
Fe^{3+}	Fe^{2+}	Mn^{2+}	H	Ac^{-}	OH^{-}	
1	0	0	0	1	0	$[Fe^{III}Ac(H_2O)_5]^{2+}$
1	0	0	0	1	1	$[Fe^{III}AcOH(H_2O)_4]^{+}$
1	0	1	0	1	0	$[Fe^{III}Mn^{II}Ac(H_2O)_{11}]^{4+}$
1	0	1	0	1	2	$[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2(H_2O)_9]^{2+}$
0	1	0	0	1	0	$[Fe^{II}Ac(H_2O)_5]^{+}$
0	1	0	0	2	0	$[Fe^{II}(Ac)_2(H_2O)_4]^{0}$
0	1	0	0	1	2	$[Fe^{II}(Ac)(OH)_2(H_2O)_3]^{-}$

Моделиронӣ ба мо имкон медиҳад, ки ҳисобҳои минбаъдаи мувозинати иониро бо усулҳои коркарди математикӣ ба воситаи барномаҳои компютерӣ анҷом диҳем. Ҳамаи мувозинатҳои


ионии баррасишуда бо назардошти мувозинати заррањои базисии система, вариантњои мавҷуда ва имконпазири реаксияњо, ки намунаҳои онҳо дар ҷадвали зерини 3 ифода гардидаанд, тартиб дода шудаанд.

Қиматҳои ададии қитъаҳои каҷхаттаҳои таҷрибавӣ имкон доданд, ки ифодаҳои ҳамаи заррањои базисӣ пайдо гарданд, ки асоси модели химиявии мувозинати ионии системаи таҳқиқшударо ташкил медиҳанд. Масалан, қитъаи каҷхаттаи таҷрибавии ҚЭҲ аз pC_{Fe2+} ба 0 ва 1 баробар аст. Аз ин рӯ, дар сутуни «р» - и ҷадвал мо рақамҳои 0 ва 1-ро мебинем. Ё ин ки дар ҷадвал 1 - миқдори лиганд дар сфераи дохилии координатсионӣ қиматҳои 1 ва 2 дорад. Аз ин рӯ, дар сутуни Ac^- мо 1 (дар шаш катак) ва 2 - дар якто менависем. Бо назардошти шумораи ҳамаи заррањои асосӣ дар сутуни охирин шаклҳои пайвастҳои комплексии дар система ҳосилшуда ҷой дода шудаанд. Ҳамин тариқ, нишон дода шудааст, ки дар системаи таҳқиқотӣ 7 комплекси таркибашон гуногун ҳосил карда мешаванд: комплексҳои моноядроии атсетатӣ ва гидроксоатсетатии оҳан(III): $Fe^{III}Ac(H_2O)_5]^{2+}$; $[Fe^{III}AcOH(H_2O)_4]^{+}$; комплексҳои гетероядроии оҳан, манган - $[Fe^{III}Mn^{II}Ac(H_2O)_{11}]^{4+}$; $[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2(H_2O)_9]^{2+}$; комплексҳои оҳан(II) - $[Fe^{II}Ac(H_2O)_5]^{+}$; $[Fe^{II}(Ac)_2(H_2O)_4]^{0}$; $[Fe^{II}(Ac)(OH)_2(H_2O)_3]^{-}$. Ионҳои Mn(II) бевосита дар ташаккули заррањои гетероядроӣ бо оҳан(III) иштирок мекунанд, дар ҳоле ки комплексҳои мустақили устувор бо оҳан(II) дар ин шароит ҳосил намешаванд. Механизмҳои эҳтимолии ҷараёни реаксияҳои комплексҳосилшавӣ дар системаи таҳқиқшаванда муайян гаштаанд. Дар ҷадвали 3 ҳамчун мисол реаксияҳои бавуҷудоии комплекси Fe(III) оварда шудаанд.

Ҷадвали 3. - Механизмҳои эҳтимолии реаксияҳои комплексҳосилшавӣ оҳан(III) дар системаи оҳан(III)-оҳан(II)-манган(II)-кислотаи атсетат-об дар Т = 298,2 К, қувваи ионӣ 1.0 мол/л

Механизмҳои реаксияҳои ҳосилшавии комплексҳои Fe(III)
$[Fe(H_2O)_6]^{3+} + Ac^- \leftrightarrow [FeAc(H_2O)_5]^{2+} + H_2O$
$[Fe(H_2O)_6]^{3+} + Ac^- + H_2O \leftrightarrow [FeAcOH(H_2O)_4]^{+} + H_3O^+$ ё ин ки $[FeAc(H_2O)_5]^{2+} + H_2O \leftrightarrow [FeAcOH(H_2O)_4]^{+} + H_3O^+$
$[Fe(H_2O)_6]^{3+} + [Mn(H_2O)_4]^{2+} + Ac^- \leftrightarrow [FeMnAc(H_2O)_9]^{4+} + H_2O$ ё ин ки $[FeAc(H_2O)_5]^{2+} + [Mn(H_2O)_4]^{2+} \leftrightarrow [FeMnAc(H_2O)_9]^{4+} +$ ё ин ки $[FeAcOH(H_2O)_4]^{+} + [Mn(H_2O)_4]^{2+} + H_3O^+ \leftrightarrow [FeMnAc(H_2O)_9]^{4+} + H_2O$
$[Fe(H_2O)_6]^{3+} + [Mn(H_2O)_4]^{2+} + Ac^- + 2\,H_2O \leftrightarrow [FeMnAc(OH)_2(H_2O)_9]^{2+} + H_3O^+$ ё ин ки $[FeAc(H_2O)_5]^{2+} + [Mn(H_2O)_4]^{2+} + 2\,H_2O \leftrightarrow [FeMnAc(OH)_2(H_2O)_9]^{2+} + H_3O^+$ ё ин ки $[FeAcOH(H_2O)_4]^{+} + [Mn(H_2O)_4]^{2+} + 2\,H_2O \leftrightarrow [FeMnAc(OH)_2(H_2O)_9]^{2+} + H_3O^+$ ё ин ки $[FeMnAc(H_2O)_9]^{4+} + 2H_2O \leftrightarrow [FeMnAc(OH)_2(H_2O)_9]^{2+} + H_3O^+$

Дар маҷмӯъ, дар система 10 механизми эҳтимолии ташаккули комплекси Fe(III) қайд карда шудааст. Барои дигар пайвастҳои координатсионӣ ҳамаи механизмҳои имконпазир дар кори диссертатсионӣ тавсиф карда шудаанд. Санҷиши миқдории устувории комплексҳои системаи омӯхташуда (ҳисоби константҳо), бо истифодаи усули наздиккунии пайдарпай (итерасия) амалӣ гардидааст. Дар ин ҳолат, функсияҳои оксидонии таҷрибавӣ (f^0_T) ва назариявӣ (f^0_H) истифода шуданд. Бо наздикшавии максималии каҷхаттаҳои (f^0_T) ва (f^0_H) аз pH (рас. 8) баъди 8-10 наздиккунӣ муайян кардани қиматҳои боэътимоди константҳо имконпазир аст. «...пеш аз ҳисоб кардани константаи мувозинат ва дигар параметрҳои мувозинати ионии система [78-80] бояд қиматҳои функсияи оксидонии таҷрибавӣ муайян карда шаванд, ки графики вобастагии он аз pH тасвир карда мешавад» [13].



Расми 8. - Системаи оҳан(III)-оҳан(II)-манган(II)-кислотаи атсетат-об, Т = 298,2 К. Вобастагии бузургиҳои логарифмҳои функсияҳои тачрибавӣ - $f_т$ (1) ва назариявӣ-$f_н$ (2) аз pH.

Константҳои устувории ($lg\beta_{qpslk}$) комплексҳо (ҷад. 4-6). Нишон дода шудааст, ки бо зиёдшавии қувваи ионӣ (I = 0,10÷1,00 мол/л) бузургии константҳои ҳосилшавии пайвастаҳои координатсионии бадастомада қонунан кам мешаванд. Ин ҳодисаро бо афзоиши таъсири мутақобилаи электростатикӣ дар маҳлул ва тағйирёбии дараҷаи солвататсияи заррaҳои система шарҳ додан мумкин аст.

Системаи оҳан(III)-оҳан (II)-манган(II)-кислотаи атсетат-об, Т = 298,2 К, I (мол/л) =1.0; Каҷхаттаҳои диаграммаи тақсимшавии комплексҳо аз рӯи нишондоди pH. Дар асоси константҳои ҳисобшудаи ташаккули комплексҳо, инчунин консентратсияи мувозинати шаклҳои озод ва координатсияшудаи оҳан ва манган, инчунин ионҳои атсетат диаграммаҳои тақсимшавии комплексҳо сохта шуданд.

Ҷадвали 4. -Қиматҳои ададии константаи устувории косплексҳои атсетатӣ ва гидроксоатсетатӣ аз қувваи ионии маҳлул ва қиматҳои β^0_{qpslk} барои системаи Fe(III)-Fe(II)-Mn(II)-CH_3COOH-H_2O ҳангоми $C_{Mn(IV)}=C_{Mn(II)}= 1\cdot10^{-4}$ и $C_{HAc}=1\cdot10^{-3}$ мол/л, ҳарорати 298,2 К

I, мол/л	Константаи устувории комплексҳо	
	$[Fe^{III}Ac(H_2O)_5]^{2+}$	$[Fe^{III}Ac(OH)(H_2O)_4]^{+}$
0,10	3,38±0,08	7,54±0,06
0,25	3,31±0,06	7,46±0,04
0,50	3,22±0,07	7,43±0,08
0,75	3,16±0,03	7,39±0,06
1,00	3,12±0,05	7,32±0,07
$lg\beta^0_{qpbslk}$	3,41	7,57

Ҷадвали 5. - Системаи оҳан(III)-оҳан(II)-манган(II)-кислотаи атсетат-об, Т = 298,2 К, I (мол/л) =1.0; Қиматҳои константаи устуворӣ аз қувваи ионӣ. Бузургиҳои β^0_{qpslk} дар Т = 298,2 К

I, мол/л	Константаи устувории комплексҳо	
0,10	$[Fe^{III}Mn^{II}Ac(H_2O)_{11}]^{4+}$	$[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2(H_2O)_9]^{2+}$
0,25	13,77±0,07	18,93±0,05
0,50	13,71±0,06	18,86±0,03
0,75	13,63±0,04	18,73±0,05
1,00	13,59±0,08	18,69±0,07
β^0_{qpbslk}	13,52	18,60

Ҷадвали 6. - Система оҳан(III)-оҳан(II)-манган(II)-кислотаи атсетат-об, Т = 298,2 К, I (мол/л) =1.0; Қиматҳои константаи устуворӣ аз қувваи ионӣ. Бузургиҳои β^0_{qpslk} дар Т = 298,2 К

I, мол/л	Константаи устувории комплексҳо		
	$[Fe^{II}Ac(H_2O)_5]^{+}$	$[Fe^{II}(Ac)_2(H_2O)_4]$	$[Fe^{II}(Ac)(OH)_2(H_2O)_3]^{-}$
0,10	1,95±0,06	2,75±0,03	5,97±0,07
0,25	1,92±0,08	2,72±0,05	5,93±0,03
0,50	1,89±0,04	2,69±0,07	5,92±0,06
0,75	1,83±0,03	2,64±0,04	5,86±0,04
1,00	1,77±0,05	2,60±0,08	5,82±0,05
β^0_{qpbslk}	1,97	2,78	6,00

Дараҷаи ҷамъшавии заррaҳои комплексии алоҳида муайян карда шудааст. Қиматҳои бадастомада ҳиссаи молии пайвастаҳои мувофиқро дар маҳлул инъикос мекунанд ва имкон

медиҳанд, ки тақсимоти компоненҳо байни шаклҳои гуногуни мавҷудият дар системаи таҳқиқшаванда арзебӣ карда шаванд. Дараҷаҳои ҷамъшавии пайвастҳои координатсионӣ аз муодилаи умумии $N_i=n_i/\Sigma n_{ij}$ муайян мегардад, ки баробарии зерин ифода карда мешавад:

$$\alpha_{комп.} = C_{комп.}/C_{Fe(III)}; \quad \alpha_{Fe(III)} = C_{Fe(III)}/C_o \qquad (1)$$

$$\alpha_{комп.} = C_{комп.}/C_{Fe(II)}; \quad \alpha_{Fe(II)} = C_{Fe(II)}/C_r \qquad (2)$$

Дар муодилаҳои (1) ва (2) бузургии $C_{комп.}$ – консентратсияи мувозинатии комплекс; $C_{Fe(III)}$ ва $C_{Fe(II)}$ – консентратсияи умумии шаклҳои ox ва red; $\alpha_{Fe(III)}$ и $\alpha_{Fe(II)}$ – дараҷаи ҷамъшавии онҳо (ҳиссаи молӣ) дар маҳлул. Дар асоси ҳисобҳои иҷрогардида диаграммаҳои тақсимот сохта шуданд, ки тағйирёбии ҳиссаи молии шаклҳои алоҳидаи комплексиро вобаста ба pH-и муҳит нишон медиҳанд. Ин диаграммаҳо имкон медиҳанд, ки ҳудуди мавҷудият ва бартарии пайвастаҳои гуногуни координатсионии системаи таҳқиқшаванда муайян карда шаванд. Таркиби умумии пайвастҳои координатсионии ҳосилшударо дар намуди $M_{ox_g}M_{rp}Mn_{r.и.d}H_sL_l(OH)_k$ навиштан мумкин аст. Барои системаи таҳқиқшаванда ин ифода чунин аст:

$$\Sigma[Fe^{III}_g\, Fe^{II}_pMn^{II}_dH_s\, Ac_l(OH)_k] + [CH_3COOH] = 1 \qquad (3),$$

ки дар ин ҷо

g – миқдори атомҳои Fe^{III}; **p** – миқдори атомҳои Fe^{II}; **d** – миқдори атомҳои гетерометалли Mn^{II} ; **s** – миқдори протонҳои лиганд; **l** - адади лигандҳои бо метал координатсияшуда ; **k** – миқдори OH^- гурӯҳҳои сфераи дохилии комплекс. Дараҷаи ҷамъшавии (ҳиссаи молии) ҳар як комплекс аз рӯи ифодаҳои зерин муайян мегардад:

$\alpha_{[FeIIIAc(H2O)5]^{2+}}$, % = $[Fe^{III}Ac(H_2O)_5]^{2+}/\Sigma[Fe^{III}_gFe^{II}_pMn^{II}_dH_sAc_l(OH)_k]+[Ac]$ (4);

$\alpha_{[FeIIIAcOH(H2O)4]^{+}}$, %=$Fe^{III}AcOH(H_2O)_4]^{+}/\Sigma[Fe^{III}_gFe^{II}_pMn^{II}_dH_sAc_l(OH)_k]+[Ac]$ (5);

$\alpha_{[FeIIIMnIIAc(H2O)11]^{4+}}$,%=$[Fe^{III}Mn^{II}Ac(H_2O)_{11}]^{4+}/\Sigma[Fe^{III}_gFe^{II}_pMn^{II}_dH_sAc_l(OH)_k]+[Ac]$ (6);

$\alpha_{[FeIIIMnIIAc(OH)2(H2O)9]^{2+}}$, %=$[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2(H_2O)_9]^{2+}/\Sigma[Fe^{III}_gFe^{II}_pMn^{II}_dH_sAc_l(OH)_k]+[Ac]$ (7)


$\alpha_{[FeIIAc(H2O)5]^{+}}$, % =$[Fe^{II}Ac(H_2O)_5]^{+}/\Sigma[Fe^{III}_gFe^{II}_pMn^{II}_dH_sAc_l(OH)_k]+[Ac]$ (8);

$\alpha_{[FeII(Ac)2(H2O)4]^{0}}$, % = $[Fe^{II}(Ac)_2(H_2O)_4]^{0}/\Sigma\,[Fe^{III}_gFe^{II}_pMn^{II}_dH_sAc_l(OH)_k]+[Ac]$ (9);

$\alpha_{[FeII(Ac)(OH)2(H2O)3]^{-}}$,%=$[Fe^{II}(Ac)(OH)_2(H_2O)_3]^{-}/\Sigma[Fe^{III}_gFe^{II}_pMn^{II}_dH_sAc_l(OH)_k]+[Ac]$ (10);

$[Ac^-] = \frac{K_l C_L}{h}$ (11).

Диараммаи тақсимшавии комплекси оҳан(III) дар расми 9 оварда шудааст.




Расми 9. - Системаи оҳан(III)-оҳан(II)-манган(II)-кислотаи атсетат-об, T = 298,2 К, I (мол/л)=1.0; Каҷхаттаҳои диаграммаи тақсимшавии комплексҳои оҳан(III) тааллуқ доранд: 1 – аквакомплекс $[Fe(H_2O)_6]^{3+}$; 2-$[Fe^{III}Ac(H_2O)_5]^{2}$; 3 -$[Fe^{III}AcOH(H_2O)_4]^{+}$; 4 -$[Fe^{III}Mn^{II}Ac(H_2O)_9]^{4+}$.

Каҷхаттаи 1 дар расми 9 ба гексааквакомплекси $[Fe(H_2O)_6]^{3+}$ мувофиқат мекунад. Дар ҳудуди pH 0,5–5,0 тадриҷан кам шудани миқдори он аз 100 % то қимати кам мушоҳида мешавад. Дар системаи таҳқиқшаванда Fe(III) чор комплекси таркибашон гуногунро ҳосил мекунад. Аз ҳама оддитарини онҳо комплекси атсетатӣ $[Fe^{III}Ac(H_2O)_5]^2$ мебошад, ки он қимати камтарини константаи ҳосилшавӣ 3,12 дорад. Бартарии он дар фосилаи pH 1,7-6,0 мушоҳида мешавад. Дар pH =3,8 дараҷаи максималии ҷамъшавии он ба 38 % мерасад.

Муқаррар карда шудааст, ки бо зиёдшавии I аз 0,10 то 1,00 ққимати константаи устуворӣ аз 3,38 то 3,12 кам мешавад. Ин ба афзоиши шумораи зарраҳои асосӣ дар маҳлул вобаста аст, ки ба зиёдшавии басомади бархӯрди онҳо ва заиф шудани таъсири байнионӣ оварда мерасонад. Комплекси дуюм $[Fe^{III}AcOH(H_2O)_4]^+$ сохтори мураккабтар дорад. Ғайр аз ионҳои атсетат, ба сфераи дохилии пайвастаи координатсионӣ гурӯҳи гидроксилӣ дохил мешавад, ки комплекси гидроксоатсетатӣ ташаккул меёбад. Дараҷаи максималии ҷамъшавии он дар pH 5,0 мушоҳида мешавад ва тақрибан ба 60 % мерасад.

Устувории он дар муқоиса бо комплекси аввала зиёдтар мебошад (константаи ҳосилшавӣ 7.54), қиматҳои он дар фосилаи омӯхташудаи қуввaҳои ионӣ бо тартиби 7,54 > 7,46 > 7,43 > 7,39 > 7,32 кам мешавад. Бо тағйирёбии минбаъдаи шароити муҳит аввалин комплекси гетероядрой бо таркиби $[Fe^{III}Mn^{II}Ac(H_2O)_{11}]^{4+}$ ба даст меояд. Қиматҳои константаи ҳосилшавии он 13,77 мебошад, ки ин аз устувории хеле баланд дар муқоиса бо комплекси қаблан баррасишуда шаҳодат медиҳад. Дараҷаи баландтарини ҷамъшавии ин шакл дар pH 6,8 мушоҳида мешавад, ки миқдори он ба 100 % мерасад.

Натиҷаҳои бадастомада бо маълумоти адабиёти илмӣ мувофиқат мекунанд. Устувории баланди комплекси гетероядрой бо мавҷудияти металломарказҳои гуногун дар сохтори онҳо вобаста аст, ки ба ташаккули бандҳои мустаҳками координатсионӣ ва устуворшавии заррачаи комплексӣ мусоидат мекунад. Дар фосилаи таҳқиқшудаи қуввaҳои ионии маҳлул, қиматҳои константаи устувории комплексӣ омӯхташуда мутаносибан 13,77; 13,71; 13,63; 13,59 ва 13,52-ро ташкил доданд.



Расми 10. - Системаи оҳан(III)-оҳан(II)-манган(II)-кислотаи атсетат-об , T = 298,2 К, I (мол/л) =1.0; Диаграммаҳои каҷхаттаҳои тақсимшавии комплекси оҳан(II) инҳоянд: 1 - аквакомплекс $[Fe(H_2O)6]^{2+}$; 2- $[Fe^{II}Ac(H_2O)_5]^+$; 3 $[Fe^{II}(Ac)_2.(H_2O)_4]^0$; 4 -$[Fe^{II}(Ac).(OH)_2(H_2O)_3]^-$.

Камшавии константаи устуворӣ бо зиёдшавии қувваи ионии маҳлул бо шиддат гирифтани таъсири мутақобилаи байниионӣ ва коҳиши ёфтани кашиши электростатикӣ байни компонентҳои комплексҳосилшавӣ алоқаманд аст. Комплекси чорум $[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2(H_2O)_9]^{2+}$ дар байни комплексҳои омӯхташуда бо сохтори мураккаб фарқ мекунад. Дар сфераи дохилии координатсионии ин комплекс, ба ғайр аз гетероиони Mn(II), ду гурӯҳи гидроксилӣ мавҷуданд, ки аз дараҷаи баландтари гидролиз ва мураккабии сохтори комплекс шаҳодат медиҳад. Мавҷудияти якчанд гурӯҳҳои функсионалии координатсионӣ ба баланд бардоштани устувории пайвастаи ҳосилшуда ва ташаккули системаи мустаҳками гетероядрой мусоидат мекунад. Константаи устувории баландтарин (18,60) аст ва дар фосилаи калони pH 6,0÷10,0 бартарӣ дорад. Ин комплекс дар фосилаи калон (4 адад pH) вуҷуд дорад ва дар pH=9,0 дараҷаи максималии ҷамъшавӣ 100 % мебошад. Устувории он бо баланд шудани қувваи ионии маҳлул бо тартиби 18,93 > 18,86 > 18,73 > 18,69 > 18,60 кам мешавад.

Диаграммаҳои тақсимшавии комплексҳои шакли барқароршудаи оҳан сохта шудаанд (рас. 10). Параметрҳои модели ҳисобшудаи комплексҳои Fe^{II} аз устувории нисбатан пасти онҳо шаҳодат медиҳанд. Қиматҳои доимии термодинамикии ҳосилшавӣ (β^0) дар фосилаи аз 1,77 то 5,82 мавҷуд аст. Ҷадвали зерин қиматҳои константҳои термодинамикии устувории комплексҳои Fe^{II}-ро дар бар мегирад, ки бо экстрополятсия ба сифр дар каҷхаттаҳои вобастагии константҳо аз қувваи ионии маҳлул пайдо шудаанд. Ғайр аз ин, он дорои ҳудуди бартарияти комплексҳо аз рӯи нишондоди pH, дараҷаи максималии ҷамъшавӣ дар қиматҳои


ададии pH (ҷад. 7) мебошад. Ин хусусиятҳо параметрҳои асосии зарраҳои мураккаб ҳисобида мешаванд.

Ҷадвали 7. - Константҳои термодинамикии устувории комплекси Fe^{II}, дар системаи манган оҳан–кислотаи атсетат-об ва T = 298,2 К

Таркиби комплексов	β^0_{qpbslk}	β^0 конст. ҳосилш.	Ҳудуди афзал. комп. аз pH	Дарач. макс. ҷамъш., α, %	pH_{max}
$[Fe^{II}Ac(H_2O)_5]^+$	β_{010010}	1,77	7,0÷9,0	52	7,5
$[Fe^{II}(Ac)_2(H_2O)_4]^0$	β_{010020}	2,60	8,0÷10,0	65	9,0
$[Fe^{II}(Ac)(OH)_2(H_2O)_3]^-$	β_{010012}	5,82	9,0÷10,5	100	10,2

Муайян карда шудааст, ки дар ин система дараҷаи максималии ҷамъшавии шаклҳои комплексӣ аз пайвасти аввала ба сеюма меафзояд ва дар ҳудуди 52-100 % тағйир меёбад. Барои комплекси дуюм ин нишондиҳанда тақрибан 65 % - ро ташкил медиҳад, ки ин мавқеи миёнаи онро аз рӯи устуворӣ ва бартарӣ дар байни пайвастҳои координатсионии оҳан(II) нишон медиҳад.

Расми 11. - Вобастагии графикии константҳои устувории комплекси Fe(III): $[Fe^{III}Ac(H_2O)_5]^{2+}$; $[Fe^{III}AcOH(H_2O)_4]^+$; $[Fe^{III}Mn^{II}Ac(H_2O)_{11}]^{4+}$; $[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2(H_2O)_9]^{2+}$ барои системаи оҳан(III)-оҳан(II)-манган(II)-кислотаи атсетат-об аз I (мол/л), T = 298,2 К.



Таъсири I (қувваи ионии маҳлул дар фосилаи 0,1÷1,0 мол/л) ба устувории (константҳои ҳосилшавӣ) пайвастҳои координатсионӣ, ки дар системаи омӯхташуда ба вуҷуд меоянд, муайян карда шудааст. Барои ҳамаи вобастагиҳо муодилаҳои математикӣ бароварда шудаанд. Коркарди омории маълумот имкон дод, ки дурустии он пайдо карда шавад. Барои мисол, дар зер, дар расми 11 вобастагиҳои константаҳои устувории комплексҳои Fe(III) $[Fe^{III}Ac(H_2O)_5]^{2+}$; $[Fe^{III}AcOH(H_2O)_4]^+$; $[Fe^{III}Mn^{II}Ac(H_2O)_{11}]^{4+}$; $[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2(H_2O)_9]^{2+}$ аз панҷ қувваи ионии маҳлули корӣ: 0,10; 0,25; 0,50; 0,75 ва 1,00 мол/л оварда шудааст.

Тавре ки аз расм дида мешавад, вобастагиҳои ростхатта ба даст оварда шудаанд. Экстрополятсияи онҳо дар қувваи ионии сифр, қиматҳои ададии константаҳои термодинамикии ҳосилшавии комплексҳо (β^0_{qpbslk}) ба даст оварда мешаванд. Он ба пойгоҳи маълумотӣ оид ба константаҳои термодинамикӣ дохил карда мешаванд, ки барои ҳисобҳои зарурӣ мутахассисон истифода бурда метавонанд. Бо истифода аз коэффитсиентҳои муодилаҳои баровардашуда дурустии маълумоти гирифташуда ҳисоб карда мешавад (ҷад. 8).

Ҷадвали 8. – Муодилаҳои вобастагии константҳои устувории комплексҳо: $[Fe^{III}Ac(H_2O)_5]^{2+}$; $[Fe^{III}AcOH(H_2O)_4]^+$; $[Fe^{III}Mn^{II}Ac(H_2O)_{11}]^{4+}$; $[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2\text{-}(H_2O)_9]^{2+}$ аз қувваи ионии маҳлул ва саҳеҳии онҳо ҳангоми $C_{Fe(III)}=C_{Fe(II)}=1\cdot10^{-4}$ ва $C_{HAc}=1\cdot10^{-3}$ мол/л, T = 298,2

Муодилаҳои баровардашуда	Дурустӣ, %
y = -0,2876x + 3,3876	R^2= 0,9652; 96,52
y = -0,2182x + 7,5415	R^2= 0,9511; 95,11
y = -0,2672x + 13,783	R^2= 0,9826; 98,26
y = -0,2672x + 13,783	R^2= 0,9708; 97,08

Қонуниятҳо барои комплексҳои Fe(II). Муодилаҳои вобастагии константҳои устувории комплексҳои оҳани дувалентаи таркибашон $[Fe^{II}Ac(H_2O)_5]^+$; $[Fe^{II}(Ac)_2(H_2O)_4]^0$;

$[Fe^{II}(Ac)(OH)_2(H_2O)_3]^-$ аз қувваи ионии маҳлул (ҷад. 9) ва эътимоднокии онҳо бароварда шуданд. Дар мавриди комплексҳои Fe(II) саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада зиёдтар буда, 96,41; 98,90 ва 96,98 % - ро ташкил медиҳад. Тавре ки аз маълумоти ҷадвалҳо дида мешавад, эътимоднокии натиҷаҳо дар доираи хатои тачриба мавҷуд аст ва вобаста ба варианти тачриба аз 95,11 % (min) то 98,26 % (max) - ро ташкил медиҳад. Муодилаҳои математикии баровардашуда имкон медиҳанд, ки тағйирёбии устуворii комплексҳоро дар шароити дигари муҳити тачрибавӣ тасвир кунанд.

Ҷадвали 9. – Муодилаҳои вобастагии константҳои устуворii комплексҳо: $Fe^{II}Ac(H_2O)_5]^+$; $[Fe^{II}(Ac)_2(H_2O)_4]^0$; $[Fe^{II}(Ac)(OH)_2(H_2O)_3]^-$ аз қувваи ионии маҳлул ва саҳеҳии онҳо ҳангоми $C_{Fe(III)}=C_{Fe(II)}=1\cdot10^{-4}$ ва $C_{HAc}=1\cdot10^{-3}$ мол/л, T = 298,2


Муодилаҳои баровардашуда	Дурустӣ, %
y = -0,037x + 6,011	R^2 = 0,9641; 96,41
y = -0,038x + 2,794	R^2= 0,9890; 98,90
y = -0,045x + 2,000	R^2= 0,9698; 96,98

Таъсири қувваи ионии маҳлули корӣ ба pH-и оғози комплексҳосилшавии

Барои муайян кардани шароити оптималии ҷудо кардани пайвастҳои координатсионӣ бо баромади бештар ва хароҷоти камтарин аз маҳлул дар фазаи сахт вобастагии қиматҳои pH-и оғози комплексҳосилшавӣ аз қувваи ионии маҳлулҳои корӣ таҳқиқ карда шуд. Барои комплексҳои Fe(III) чунин вобастагиҳо ростхатта мебошанд ва бо мураккабшавии таркиб дар нишондоди pH ҷойгир карда мешаванд. Масалан, бартарияти комплекси таркибаш $[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2(H_2O)_7]^{2+}$ тақрибан дар фосилаи pH 6 ва каме болотар, комплекси $[Fe^{III}Ac(H_2O)_5]^{2+}$ бошад, байни pH 3 ва 4 ба қайд гирифта шудааст. Дурустии маълумоти гирифташуда тақрибан 98,78 % - ро ташкил медиҳад (қимати R^2 = 0,9878). Комплексҳои Fe(II) устувор мебошанд ва дар муҳити нейтралӣ ишқории заиф бартарӣ доранд. Дурустии маълумот оид ба комплексҳосилшавии оҳан(II) 98,10 % - ро ташкил медиҳад. Натиҷаҳои таҳқиқотҳои анҷомдодашуда маълумоти муҳимро доир ба усули потенсиали оксидони нишон доданд.

Боби чоруми кори диссертатсионӣ ба синтези пайвастаи координатсионии гетероядроӣ ва тавсифи амалӣ доир самаранокии он ҳамчун стимулятори сабзиш дар ғаллакорӣ бахшида шудааст.


Синтез ва таҳқиқи комплекси гетероядроии атсетатии Fe(III) ва Mn(II). Барои синтези комплекси таркибаш аз ионҳои Fe(III) ва Mn(II) иборат буда, ҳамчун реагентҳои ибтидоӣ кислотаи атсетат (1); сулфатҳои манган ва оҳан $MnSO_4$ (2); $FeSO_4$ (3), инчунин $Fe_2(SO_4)_3$ (4) истифода гардиданд. Маҳлулҳои иловашударо дар оби бидистиллятшуда бо филтркунии тақрорӣ омода карданд. Намаки оҳани севалента дар муқоиса бо сулфати оҳан(II) аз ҳад зиёд гирифта шуд ва таносуби ҳаҷмии об ва кислотаи атсетат 3:1, 4:1 ва 5:1-ро ташкил мекард.



Расми 12. - Маҳлулҳои корӣ барои ба даст овардани комплекси гетероядроии Fe(III) ва Mn(II) бо ионҳои атсетат. Колбаҳо бо маҳлулҳо: 1 кислотаи атсетат; 2 - сулфати манган - $MnSO_4$; 3 - сулфати оҳан(II) - $FeSO_4$; 4 - сульфати оҳан(III) - $Fe_2(SO_4)_3$.

Маҳулҳо дар колбаҳо бо тартиби муайян ҷойгир карда шуданд: маҳлули кислотаи атсетат, сулфати манган(II), $FeSO_4$ ва $Fe_2(SO_4)_3$. Тӯли ним соат маҳлули намакҳои металлҳои

якҷояшуда пайваста омехта карда шуд. Сипас, омехтаи намакҳо ба маҳлули қаблан омодашудаи кислотаи атсетат оҳиста-оҳиста илова гардид. Тамоми раванди синтези комплекс бояд дар атмосфераи гази инертӣ гузаронида шавад. Барои пешгирии оксидшавии Fe(II) одатан гази аргон ё нитроген истифода мешавад.



Расми 13. - Пеш аз бухоршавӣ системаи моеъи компонентҳои асосӣ сулфатҳои оҳан(III) ва манган (II), кислотаи атсетат чунин намуд дошт.

Баъди ба итмом расидани якҷоякунӣ, омехтаи реаксиониро борҳо филтр карда, ба косаи фарфорӣ гузаронида мешавад. Нишондодҳои pH 3-4 маротиба санҷида шуда, дар ҳарорати 28-30 ^{0}С бӯғронӣ мегардад. Ҳангоми кам шудани ҳаҷми маҳлул ва пайдо шудани парда дар сатҳи он, коса то пайдо шудани кристаллҳои аввала ба ҷои хунук гузошта мешавад.

Кристаллизатсияи комплекси гетероядроӣ дар давоми 4 то 5 ҳафта сурат гирифт.



Расми 14. - Кристалҳои аввалин маротиба синтезшудаи компоекси оҳан(III) ва манган(II) бо атетат-ионҳо. Дар сфераи дохилии координатсионӣ якбора ду металл ҷой гирифтааст.

Таҳлили пайвастаи бадастомада.

Таҳлили сифатӣ ва миқдории ионҳои Fe(III). Мавҷудияти оҳан(III) дар маҳлули комплексӣ ҳангоми реаксия бо гексасианоферрати калий муайян карда шудааст. Миқдори он бо усули гравиметрӣ, яъне бо роҳи такшин дар шакли Fe(OH)3 муайян гардидааст. Таркиби назариявии Fe(III) 18,66 %, баромади амалӣ 36,82 % - ро ташкил дод.

Таҳлили сифатӣ ва миқдории ионҳои Mn(II). Мавҷудияти манган бо маҳлули нитрати нуқраи 10 % ва персулфати аммоний исбот гардидааст. Дар маҳлули таҳқиқшаванда ранги гулобӣ ё сурхи бунафш пайдо мешавад. Миқдори Mn(II) 17,72 % - ро ташкил дод, қимати ҳисобшуда 18,33 %.

Таҳлили элементарии комплекси синтезшуда. Муайян кардани ҳиссаи массаи карбон, гидроген, оксиген ва сулфур бо усули спектроскопияи ИС-Фуре дар спектрометри *IRAffinity-1* (Shimadzu Corporation, Ҷопон) иҷро гардидааст. Натиҷаҳои таҳлили элементарии комплекси синтезшуда дар ҷадвали 10 оварда шудаанд. Таҳлили сифатӣ ва миқдорӣ барои муайян кардани теъдоди Fe(II) дар комплекс манфӣ буд. Fe (II) дар маҳлул боқӣ монда ҳангоми шустани кристаллҳои комплекс тоза карда шуд.

Ҷадвали 10. - Таҳлили элементарии кристаллҳои пайвастаи координатсионии синтезшуда

Намуди таҳлилҳо / Элементҳои комплекс	Fe(III)	Mn(II)	O	C	S	H
Миқдори назариявӣ, %	18,66	18,33	42,67	8,00	10,67	1,67
Миқдорӣ таҷрибавӣ, %	18,42	18,04	42,32	7,78	10,42	1,46
% майлкунӣ	0,24	0,29	0,35	0,22	0,25	0,21

Муқоисаи маълумотҳои таҷрибавӣ бо қиматҳои ҳисобшуда аз дурустии натиҷаҳо шаҳодат медиҳад. Натиҷаҳои истифодашудаи таҳлилҳо имкон доданд, ки формулаи пайвасти ҷудошударо муайян гардад: $[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2]^{2+}\cdot SO_4$. Мавҷудияти ионҳои металлҳои гуногун дар сохтор нишон медиҳад, ки моддаи ҳосилшуда ба пайвастаҳои координатсионии гетероядроӣ тааллуқ дорад.

Санҷиши таҷрибавии хосиятҳои комплекси атсетати Fe(III); Mn(II) ҳамчун усули агротехникӣ пеш аз кишт (нам кардани тухмии гандум). Барои озмоишҳо гандуми навъи

«ПОЛЕТ» истифода шудааст. Аз рӯи натиҷаҳои озмоишҳои лабораторӣ муайян гашт, ки пайвастаи координатсионии микроэлементҳои ҳаётан муҳим манган ва оҳан ба хосиятиҳои тухмиҳо пеш аз кишт ва нишондиҳандаҳои морфометрикии навдаҳои гандуми навъи санҷидашуда таъсири мусбат мерасонад. Қобилияти сабзиши тухмҳо дар рӯзи сеюм пас аз гузоштани таҷриба ба инобат гирифта шуд (ҷад. 11).

Ҷадвали 11. – Қобилияти сабзиши тухми гандуми навъи «ПОЛЕТ» пас аз намкунии тухмиҳо дар маҳлулҳои $Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2]^{2+} \cdot SO_4$

Вариантҳо, % консентратсияи пайвастҳо	Такроршавӣ, %				Қимати миёна, %	Майлкунӣ аз назоратӣ (H_2O), %
	1	2	3	4		
Варианти назоратӣ (H_2O)	66,0	64,0	65,0	67,0	65,31	—
$FeCl_3$ 0,04 (прототип)	69,0	71,0	67,0	65,0	68,00	+2,69
$[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2]^{2+}\cdot SO_4$ (0,10)	81,0	83,0	83,0	82,0	82,25	+16,94
$[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2]^{2+}\cdot SO_4$ (0,05)	89,0	87,0	88,0	87,0	87,75	+22,44
$[Fe^{III}\ Mn^{II}\ Ac(OH)_2]^{2+}\cdot SO_4$ (0,005)	81,0	82,0	80,0	83,0	81,50	+16,19

Дар варианте, ки тухми гандум дар маҳлули комплекси консентратсияи 0,05 % нам карда шудааст, қобилияти сабзиш дар муқоиса бо моддаи назоратӣ 22,44 % - ро ташкил медиҳад. Коркарди тухмиҳо бо комплекси консентратсияи оптималӣ (0,05 %) афзоиши системаи решаи навдаҳоро ба таври назаррас тақвият медиҳад (ҷад. 12 ва 13).

Ҷадвали 12. -Таъсири комплекс ба инкишофи системаи решаи навдаҳо

Вариантҳо, % консентратсияи пайвастҳо	Такроршавӣ, %				Қимати миёна, %	Майлкунӣ аз назоратӣ (H_2O), %
	1	2	3	4		
Варианти назоратӣ (H_2O)	10,5	10,2	10,4	10,4	10,38	100,00
$FeCl_3$ 0,04 (протот.)	11,3	11,0	11,2	11,2	11,18	111,18
$[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2]^{2+}\cdot SO_4$ 0,05	14,5	14,7	14,8	14,8	14,70	114,70

Ҷадвали 13. -Таъсири комплекс ба массаи системаи решаи навдаҳо

Вариантҳо, % консентратсияи пайвастҳо	Такроршавӣ, %				Қимати миёна, %	Майлкунӣ аз назоратӣ (H_2O), %
	1	2	3	4		
Варианти назоратӣ (H_2O)	1,02	1,22	1,04	1,32	1,15	100,00
$FeCl_3$ 0,04 (протот.)	1,32	1,35	1,28	1,30	1,31	101,31
$[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2]^{2+}\cdot SO_4$ 0,05	1,56	1,53	1,54	1,55	1,54	101,54

Чунин тағйироти мусбат ҳангоми таҳлили дарозӣ ва вазни қисми заминии навдаҳои гандуми навъи «ПОЛЕТ» ба қайд гирифта шудааст (ҷад. 14, 15).

Ҷадвали 14. -Таъсири комплекс ба нишондиҳандаи афзоиш, дарозии навдаҳо

Вариантҳо, % консентратсияи пайвастҳо	Такроршавӣ, %				Қимати миёна. %	Майлкунӣ аз назоратӣ (H_2O), %
	1	2	3	4		
Варианти назоратӣ (H_2O)	10,3	10,8	10,5	10,4	10,50	100,00
$FeCl_3$ 0,04 (прототип)	12,4	12,6	11,8	12,48	12,32	112,32
$[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2]^{2+}\cdot SO_4$, 0,05	18,6	18,8	18,9	18,4	18,67	118,67

Ҷадвали 15. - Таъсири комплекс ба массаи навдаҳои тухмии гандум

Вариантҳо, % консентратсияи пайвастҳо	Вазни навдаҳо аз рӯи такроршавӣ, мг				Миёна, мг	Майлкунӣ аз назоратӣ (H_2O), %
	1	2	3	4		
Варианти назоратӣ (H_2O)	0,92	0,95	0,96	0,93	0,94	100,00
$FeCl_3$ 0,04 % (прототип)	1,00	1,12	1,15	1,35	1,15	122,87
$[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2]^{2+}\cdot SO_4$, 0,05	1,42	1,38	1,45	1,50	1,44	152,93

Натиҷаҳои озмоиш самаранокии баланди биологии комплекси гетероядроии атсетати оҳан(III) ва манган(II) - ро исбот мекунанд. Таъсири синергетикии металлҳои биогении оҳан ва манган дар якҷоягӣ бо атсетат-лиганд равандҳои ферментативӣ ва мубодиларо дар марҳилаҳои аввали онтогенез фаъол мекунад. Консентратсияи оптималии коркарди пеш аз кишти тухми гандуми навъи «ПОЛЕТ» 0,05 % мебошад, ки қобилияти максималии сазиш, рушди интенсивии системаи реша ва афзоиши биомассаи навдаҳоро дар муқоиса бо варианти назоратӣ ва прототип ($FeCl_3$) таъмин мекунад.

ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

1. Бори аввал бо усули потенсиали оксидонии Кларк-Николский ҳудуди ҳосилшавӣ, бартарӣ ва мавҷудияти пайвастҳои комплексӣ дар системаи оҳан(II)-оҳан(III)-манган(II)-кислотаи атсетат-об дар 5 қувваи ионии маҳлулҳои корӣ дар фосилаи 0,1÷1,0 мол/л ($Na(H)ClO_4$), T = 298,2 К таҳқиқ гардид. Қонуниятҳои реаксияҳои ҳосилшавии комплексҳои гетероядроӣ ошкор шуда, таркиб, хусусиятҳои моделӣ ва асосии онҳо муайян карда шудаанд [1-М; 2-М; 4-М; 5-М; 6-М; 8-М; 9-М].
2. Барои реаксияҳои ташаккули комплексҳои Fe(II), Fe(III) ва Mn(II) моделҳои математикӣ ва химиявӣ тартиб дода шудаанд, бо усули итерасияи функсияҳои оксидонии таҷрибавӣ ва назариявӣ константҳои ҳосилшавии онҳо дар панҷ қувваи ионии маҳлулҳои корӣ ҳисоб гардид, муодилаҳои математикии ин вобастагиҳо бароварда шудаанд ва дурустии ҳисобҳои гузаронидашуда муайян карда шудааст [2-М; 3-М; 5-М; 6-М; 8-М; 9-М].
3. Механизмҳои эҳтимолии реаксияҳои ҳосилшавии пайвастҳои комплексии гетероядроӣ, гидроксоатсетатӣ ва атсетатии холис бори аввал ошкор гардида, тавозуни моддии онҳо тартиб дода шуд. Дараҷаҳои ҷамъшавӣ муайян гардида, диаграммаҳои тақсимшавии онҳо аз рӯи нишондоди pH сохта шуданд, шароитҳои синтези равонашудаи онҳо бо баромади максималии маҳсулоти ниҳоӣ муқаррар карда шуданд [4-М; 5-М; 6-М; 8-М; 9-М; 11-М].
4. Шароити оптималии ташаккули комплекси гетероядроӣ ошкор карда шуд, онҳо аз маҳлул дар шакли сахт ҷудо карда шуданд, таркиби химиявии онҳо ва фоизи элементҳо муқаррар гаштанд. Бори аввал ҳисобҳои 135 константаи термодинамикии устуворӣ (β^0_{qpbslk}) ва коркарди пурраи омории натиҷаҳои озмоиш бо усули оксредметрӣ амалӣ карда шуданд [1-М; 4-М; 5-М; 6-М].
5. Бори аввал озмоишҳои лабораторӣ комплекси гетероядроӣ бо таркиби $[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2]^{2+}\cdot SO_4$ дар тухми гандуми навъи «ПОЛЕТ» гузаронида шуданд, таъсири мусбати стимуляторҳо ҳангоми нам кардани тухмҳо пеш аз кишт ошкор карда шуд, ки дар натиҷа дарозии навдаҳо зиёда аз 75 % ва вазни онҳо бештар аз 50 %-ро ташкил дод [7-М].

Дар асоси маълумотҳои таҷрибавӣ, ҳисобҳои назариявии параметрҳои термодинамикӣ ва базисӣ, инчунин натиҷаҳои озмоишҳои биологии пайвастаи координатсионии гетероядроии **$[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2]^{2+}\cdot SO_4$**, ки дар кори диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд, самтҳои асосии истифодаи амалии он ошкор карда шуданд.

Тавсияҳо оид истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Ба сифати стимуляторҳои афзоиш ва микронуриҳо дар саноати аграрӣ ва растанипарварӣ истифода бурда мешавад. Натиҷаҳои озмоишҳои лабораторӣ дар тухми гандуми навъи «Полёт» фаъолияти баланди танзимкунандаи сабзиши комплекси гетероядроии синтезшударо исбот намуданд. Намкунии пеш аз кишт бо пайвастаи координатсионии гетероядроии $[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2]^{2+}\cdot SO_4$ ба беҳтаршавии назарраси сифатҳои кишт ва рушди растаниҳо оварда мерасонад. Дар муқоиса бо моддаи назоратӣ афзоиши дарозии навдаҳо 77,8 %; афзоиши вазни сабзи навдаҳо 52,3 % нишон дода шудааст.

2. Коркарди комплексии полимикронуриҳо. Ҷорӣ намудани пайвастаи гетероядроӣ дар тамоми соҳаҳои кишоварзӣ имкон медиҳад, ки норасоии биометалҳои муҳим (оҳан ва манган) дар хок бартараф карда шавад, системаҳои ферментативии растаниҳо фаъол гашта,

равандҳои фотосинтез тақвият дода шаванд ва устувории зироатҳо ба омилҳои номусоиди муҳити беруна баланд бардошта шавад.

3. Ба вуҷуд овардани микроиловаҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъол барои чорводорӣ ва паррандапарварӣ. Азбаски оҳан ва манган микроэлементҳои муҳим («металлҳои ҳаёт») ба шумор рафта, дар гардиши хун, нафаскашии бофтаҳо ва равандҳои мубодилаи моддаҳо иштирок мекунанд, комплексҳои атсетатии гетероядрой метавонанд ҳамчун иловаҳои бехатар ва ба осонӣ ҳазмшавандаи маҳсулоти ғизоии паррандагон, чорво, навзодон барои инкишофи беҳтар ва инчунин зиёдшавии масунияти онҳо истифода шаванд.

4. Самаранокии баланд, бе таъсири манфии асоси комплексии моддаҳои табобатӣ. Константҳои устувории дар кор муқарраршуда, ҳудуди афзалияти комплексҳо аз рӯи нишондоди pH ва механизмҳои комплексҳосилшавӣ дар системаҳои бисёркомпонентаи биологӣ барои сохтани маводҳои нави фармакологӣ ҳангоми иҷрои мақсаднок кӯмак мерасонанд.

5. Моделҳои биомиметикӣ ва воситаҳои интиқоли мақсаднок. Комплексҳои гетероядрой гетеровалентии оҳан ва манган метавонад ҳамчун моделҳои синтетикии марказҳои фаъоли металлоферментҳо, ба сифати компонетҳо барои системаҳои интиқоли мақсадноки моддаҳои доруворӣ ва агенти муқоисавии ташхисӣ истифода шавад.

6. Методологияи модели компютерӣ ва физикию химиявӣ. Алгоритмҳои ҳисобии таҳиякардаи муаллиф бо истифода аз усули потенсиали оксидонии Кларк–Николский, моделҳои математикӣ ва химиявии тавозуни моддии системаҳо ва диаграммаҳои тақсимшавии шаклҳои комплексӣ метавонанд бевосита аз ҷониби институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ барои омӯзиши дигар системаҳои мураккаби оксиду барқароршавӣ ва координатсионӣ истифода шаванд.

7. Раванди таълим. Маводҳои диссертатсия, аз ҷумла константаҳои устувории бадастомада, параметрҳои базисӣ ва термодинамикӣ дар раванди таълим ҳангоми хондани лексияҳо ва курсҳои махсус оид ба химияи ғайриорганикӣ, физикӣ, координатсионӣ ва биоғайриорганикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, аз ҷумла дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Ош ҳангоми иҷрои корҳои хатм, дипломӣ, номзадӣ ва докторӣ бомуваффақият истифода мешаванд.

Рӯйхати адабиёт

1. Девятов, Ф.В. Гетероядерное комплексообразование в системе 1-гидроксиэтилидендифосфоновая кислота–марганец(II)–гадолиний(III) в водном растворе / Ф. В. Девятов, О. В. Богатырев, Г. И. Зарипова // Известия Академии наук. Серия химическая. – 2017. – № 11. – С. 2090–2094.
2. Алиев, Т.Б. Образованные с ионом железа(III) аспарагинатные комплексы, возникающие термические изменения и исследование кинетических параметров / Т. Б. Алиев [и др.] // Развитие предметов и технологий. – Бухара: БМТИ, 2021. – № 1. – С. 101–110.
3. Гусева, Г.Б. Процессы координации ацетатов меди(II), никеля(II), цинка(II), кобальта(II) и кадмия(II) с 3,3,4,4,5,5-гексаметилдипирролилметоном / Г. Б. Гусева [и др.] // Координационная химия. – 2008. – Т. 34, № 8. – С. 606–612.
4. Станцо, В.В. Марганец / В. В. Станцо, М. Б. Черненко // Популярная библиотека химических элементов. – Москва: Наука, 1983. – 575 с.
5. Davlatshoeva, J. A. Processes of formation of glycinate complexes of iron(II) and iron(III) under various ionic strengths of solution / J. A. Davlatshoeva, G. B. Eshova, M. M. Rakhimova [et al.] // American Journal of Chemistry. –2017. – Vol. 7, No. 2. – P. 58–65.

6. Гаджиева, С. Р. Биологическое значение железа / С. Р. Гаджиева, Т. И. Алиева, Р. А. Абдуллаев [и др.] // Молодой ученый. – 2015. – № 4 (84). – С. 34–36.
7. Николашкина, А. А. Секреты уксусной кислоты / А. А. Николашкина // БМИК. – 2014. – № 5.
8. Неёлова, О. В. Комплексные соединения и их роль в медицине / О. В. Неёлова, Д. Т. Бокиева // Международный студенческий научный вестник. – 2016. – № 3. – С. 3–5.
9. Рахимова, М. Аспарагинатные координационные соединения железа, модели процессов их образования / М. Рахимова, Т.М. Нурматов, Н.З. Юсупов [и др.] // Координационная химия. – 2013. – Т. 39, № 10. – С. 636–640.
10. Якубов Х.М. Применение оксредметрии в комплексообразовании / Х.М. Якубов. – Душанбе: Дониш, 1966. – 119 с.
11. Горинчой, В.В. Гомо- и гетероядерные комплексы железа {Fe2MO} с салициловой кислотой: синтез, строение и физико-химические свойства / В. В. Горинчой [и др.] // Координационная химия. – 2009. – Т. 35, № 10. – С. 743–751.
12. Спиридонов, В.П. Математическая обработка физико-химических данных / В.П. Спиридонов, А.А. Лопаткин. – Москва: МГУ, 1970. – С. 204–212.
13. Булатов, А.В. Методические указания к практикуму «Химические методы анализа»: учебное пособие / А.В. Булатов, А.Е. Зеймаль, Д.Н. Николаева [и др.]. – Санкт-Петербург: ВВМ, 2010. – 54 с.

Фехристи корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзӯи диссертатсия

Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М]. Рахимова, М. Экстракты лечебных трав, координационные соединения железа и их рекреационные свойства / М. Рахимова, **М.Б. Жоробекова**, Н.Я. Шукурова // Журнал «Наука и инновации». - Душанбе, -2019. № 2. -С. 342-347.

[2-М]. **Жоробекова, М.Б.** Гетеровалентные и гетероядерные ацетатные комплексы переходных металлов, модели их образования / М.Б. Жоробекова, М. Рахимова // Журнал «Наука и инновации», № 3. – Душанбе, -2019. – С. 166-175.

[3-М]. **Жоробекова, М.Б.** Химические модели реакций образования комплексов Fe(II), Fe(III), Co(II) и Mn(II) с ацетат-ионами / М.Б. Жоробекова, Ш.С. Эмомадова [и др.] // Известия ОшТУ, -2020. – С. 116-123.

[4-М]. Rakhimova, M. Oxidimetric Study of Complex Formation in the Fe(II)–Fe(III)–CH_3OOH–H_2O System / M. Rakhimova, **M.B. Zhorobekova** [et al.] // Russian Journal of Physical Chemistry, 2022, 96(12), -PP. 2621–2626. (**Scopus**).

[5-М]. **Zhorobekova, M.B.** Study of Heteronuclear Complexation in Fe(II)-Fe(III)-Mn(II)-CH_3OOH–H_2O System / M.B. Zhorobekova, A. Mametova, F. Miraminzoda // E3S Web of Conferences, -2023, PP. 401-408. (**Scopus**).

[6-М]. **Zhorobekova, M.B.** Heteronuclear Complexes Fe^{II}, Fe^{III}, and Mn^{II} with Acetate Ions / M.B. Zhorobekova, E. F. Faizullozoda, M. Rakhimova [at al.] // Russian Journal of Physical Chemistry A, 2025, Vol. 99, No. 9, -PP. 2074–2080. – 2025 (**Scopus**).

Патент:

[7-М]. Малый патент TJ № 1465, Республика Таджикистан. (51) МПК A 01 C 1/00; Способ повышения посевных качеств семян пшеницы / Г.Б. Эшова, Э.Ф. Файзуллозода, **М.Б. Жоробекова,** Дж.А. Давлатшоева, М. Рахимова, Ф. Мираминзода; заявитель и патентообладатель Г.Б. Эшова, Э.Ф. Файзуллозода, М.Б. Жоробекова, Дж.А. Давлатшоева, М. Рахимова, Ф. Мираминзода. - № 2301855 заявл. 05.07.2023. опубл. 19.02.2024. - 7 с.

Дастури таълимӣ:

[8-М]. Эшова, Г.Б. Оксредметрическое определение состава и устойчивости координационных соединений в гомогенных системах / Г.Б. Эшова, М. Рахимова, Дж.А. Давлатшоева, **М.Б. Жоробекова.** Методическое пособие. Душанбе: Сино, - 2021 - 67 с.

Корҳои дар дигар нашрияҳо чопшуда:

[9-М]. **Жоробекова М.Б.** Гетеровалентные и гетероядерные ацетатные комплексы переходных металлов, модели их образования конференции / М.Б. Жоробекова, М. Рахимова // «Фармация-неотъемлемая часть социальной политики государства», посвященной 10-летию фармацевтического факультета Таджикского национального университета. –Душанбе: Сино, -2019. - С. -175.

[10-М]. **Жоробекова, М.Б.** Процессы комплексообразования железа(II), железа(III), кобальта(II) в водно-ацетатной среде / М.Б. Жоробекова [и др.] // Респ.научно-практическая конференция «Основы развития и перспективы химической науки в Республике Таджикистан», -Душанбе: Сино, - 2020. –С. 24.

[11-М]. **Жоробекова, М.Б.** Химическая модель комплексообразования в системе Fe(II)-Fe(III)-Mn(II)-CH_3COOH-H_2O / М.Б. Жоробекова, Г.Б. Эшова, Ф. Мираминзода, А.С. Маметова // Сборник статей V международной научной конференции на тему: «Вопросы физической и координационной химий». – Душанбе: Сино, - 2021. -С. 209-215.

[12-М]. Эшова, Г.Б. Процессы образования комплексов в гомогенной окислительно-восстановительной системе Fe(II)-Fe(III)-аминоуксусная кислота-вода / Г.Б. Эшова, **М.Б. Жоробекова,** Ф. Мираминзода, М. Рахимова // Международная научно-практическая конференция на тему «Интеграция теории, образования и науки с прикладной медицины», Сборник научных трудов. - ОшГУ, Ч. 2. -2023. -С. 287-290.

[13-М]. **Жоробекова, М.Б.** Ионные равновесия формирования ацетатных комплексов марганца при 298,16 К / М.Б. Жоробекова // Сборник статей VI международной научной конференции: «Вопросы физической и координационной химии». –Душанбе: Сино, - 2024. – С. 311-315.

[14-М]. **Жоробекова, М.Б.** Влияние ионной силы рабочего раствора на константы устойчивости ацетатных комплексов Fe(III) и Mn(II) / М.Б. Жоробекова, М. Рахимова, А.С. Маметова // Материалы VII Международный научно-практический конференция на тему: «Вопросы физической и координационной химий», посвященной «Двадцатилетию изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования -Душанбе: Сино, - 2026. -С. 162-168.

А Н Н О Т А Ц И Я

диссертации Жоробековой Майрамбу Бектемировны на тему:
«Процессы образования ацетатных гетероядерныхкоординационных соединений железа(II), железа(III) и марганца(II)», представленной на соискание ученой степени кандидата химических наук по специальностям:
1.4.2. Неорганическая химия; 1.4.5. Физическая химия

Ключевые слова: координационные соединения, гетероядерные комплексы, гетеровалентные системы, железо(II, III), марганец(II), уксусная кислота, метод окислительного потенциала, константы устойчивости, ионная сила, математическое моделирование, химическая модель, биологическая активность, стимулятор роста.

Объекты исследования. Fe(III)-Fe(II)-Mn(II)-HAc-H_2O в интервале ионной силы растворов 0,1÷1,0 моль/л и температуре 298,2 К; все комплексы, которые образуются в указанной системе, гетероядерный комплекс состава [FeIIIMnIIAc(OH)2]2+·SO4, а также гетероядерный комплекс - семена пшеницы сорта «ПОЛЕТ».

Цель исследования. Изучение процессов формирования гетероядерных координационных соединений в системе железо^{II}-железо^{III}-марганец^{II}-уксусная кислота-вода, определение их химического состава, условий существования, термодинамических характеристик, а также химических и биологических свойств полученных комплексов.

Методы исследования: Метод окислительного потенциала с платиновыми и стеклянными электродами в термостатированной инертной среде, методы математической статистики, а также современные алгоритмы математического и компьютерного моделирования для определения состава, термодинамических констант устойчивости гетероядерных ацетатных комплексов железа и марганца.

Научная новизна исследования:

- впервые выполнено исследование процессов образования комплексов в системе Fe(II)-Fe(III)-Mn(II)-HAc-H_2O методом окислительного потенциала Кларка-Никольского в интервале ионной силы 0,1÷1,0 М и Т = 298,2 К, найдены области начала формирования, существования и доминирования комплексных частиц;
- определены впервые особенности получения гетероядерных комплексных частиц марганца и железа в водных растворах уксусной кислоты, найдены их составы, структурные характеристики и основные модельные параметры;
- разработаны математические зависимости и химические схемы реакций комплексообразования с участием катионов марганца^{II}, железа^{II} и железа^{III} последовательно приближая величины теоретических и экспериментальных окислительных функций (методом итерации) найдены константы образования комплексных частиц;
- выявлена зависимость реакций формирования моноядерных и гетероядерных комплексных частиц и их устойчивости от ионной силы рабочего раствора, рассчитаны количественные характеристики, свидетельствующие об их появлении в системе;
- найдены достоверные данные по влиянию pH раствора на мольную долю (распределение) комплексных частиц, по которым можно выбрать оптимальные условия получения гетероядерного комплекса марганца и железа. Определены нужные условия их формирования и получения из раствора в твердом виде;
- впервые предложены расчеты термодинамических констант и полной статистической обработки результатов эксперимента методом оксредметрии Кларка-Никольского;
- впервые проведены лабораторные испытания гетероядерного комплекса состава $[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2]^{2+}\cdot SO_4$ на семенах пшеницы сорта «Полёт». Установлено, что данный комплекс оказывает положительное влияние на прорастание семян при их предпосевном увлажнении и может рассматриваться как эффективный стимулятор роста. В результате обработки длина проростков увеличилась на 77,8 %, а их масса — на 52,3 %.

Степень использования. Результаты исследования и термодинамические константы внедрены в учебный процесс Таджикского национального университета и Ошского государственного университета по курсам неорганической, физической, коллоидной, координационной и бионеорганической химий. Методология оксредметрии и математические модели используются в научно-исследовательских лабораториях для изучения многокомпонентных координационных систем, а разработанный способ предпосевной обработки семян с использованием синтезированного гетероядерного комплекса внедрен в семеноводческих хозяйствах для повышения всхожести и урожайности зерновых культур (пшеницы сорта «Полёт»).

Области применения: В сельском хозяйстве и растениеводстве в качестве высокоэффективных микроудобрений и стимуляторов роста (для предпосевной обработки семян с целью повышения всхожести и урожайности зерновых культур); в животноводстве и птицеводстве в качестве биологически активных микрокормовых добавок; в медицине, фармакологии и косметологии как перспективная основа для создания лекарственных препаратов с заданной биологической активностью и средств для целевой доставки лекарств; а также в учебном процессе высших учебных заведений при чтении лекций и проведении практических занятий по неорганической физической, коллоидной, координационной и бионеорганической химий.

А Н Н О Т А Т С И Я

ба таҳқиқоти диссертатсионии Жоробекова Майрамбу Бектемировна дар мавзуи «Равандҳои ҳосилшавии пайвастаҳои координатсионии гетероядроии атсетати оҳан (II), оҳан (III) ва манган (II)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисосҳои 1.4.2 Химияи ғайриорганикӣ ва 1.4.5 Химияи физикӣ

Калидвожаҳо: пайвастаҳои координатсионӣ, комплексҳои гетероядрой, системаҳои гетеровалентӣ, оҳан(II, III), манган(II), кислотаи атсетат, усули потенсиали оксидонӣ, константҳои устуворӣ, қувваи ионӣ, моделсозии математикӣ, модели химиявӣ, фаъолияти биологӣ, стимулятори сабзиш.

Объекти таҳқиқот: Fe(III)-Fe(II)-Mn(II)-HAc-H_2O дар қувваи ионии маҳлул 0,1÷1,0 мол/л ва ҳарорати 298,2 К; ҳамаи комплексҳое, ки дар системаи зикршуда ҳосил карда мешаванд, комплекси гетероядрой бо таркиби $[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2]^{2+}\cdot SO_4$, инчунин комплекси гетероядрой-тухмии гандуми навъи «ПОЛЕТ».

Мақсади таҳқиқот: Омӯзиши равандҳои ташаккули пайвастаҳои координатсионии гетероядрой дар системаи оҳан(II)-оҳан(III)-манган(II)-кислотаи атсетат-об, муайян кардани таркиби химиявии онҳо, шароити мавҷудият, тавсифҳои термодинамикӣ, инчунин хосиятҳои химиявӣ ва биологии комплекси бадастовардашуда.

Усулҳои тадқиқот: Усули потенсиали оксидонӣ бо электродҳои платинагӣ ва шишагӣ дар муҳити инертии термостатикӣ, усулҳои омори математикӣ, инчунин алгоритмҳои муосири модели математикӣ ва компютерӣ барои муайян кардани таркиб, константҳои термодинамикии устувории комплекси атсетатии гетероядроии оҳан ва манган.

Навгонии илмии таҳқиқот:

i. бори аввал таҳқиқи равандҳои ташаккули комплексҳо дар системаи Fe(II)-Fe(III)-Mn(II)-HAc-H_2O бо усули потенсиали оксидонии Кларк-Николский дар қувваи ионӣ 0,1÷1,0 М ва Т = 298,2 К ичро карда шуд, ҳудуди оғози ҳосилшавӣ, мавҷудият ва бартарии зарраҳои комплексӣ пайдо карда шуданд;

ii. бори аввал хусусиятҳои гирифтани зарраҳои комплексии гетероядроии манган ва оҳан дар маҳлулҳои обии кислотаи атсетат муайян гашт, таркибҳои онҳо, хусусиятҳои сохторӣ ва параметрҳои асосии моделӣ пайдо карда шуданд;

iii. вобастагиҳои математикӣ ва схемаҳои химиявии реаксияҳои комплексҳосилшавӣ бо иштироки катионҳои манган(II), оҳан(II) ва оҳан(III) мукаммал карда шуданд; бо пайдарпай наздик кардани бузургиҳои функсияҳои оксидонии таҷрибавӣ ва назариявӣ (бо усули итератсия) собитҳои ҳосилшавии зарраҳои комплексӣ муайян гашт;

iv. вобастагии реаксияҳои ташаккули зарраҳои комплексии моноядрой ва гетероядрой, инчунин устувории онҳо аз қувваи ионии маҳлули корӣ ошкор карда шуд, хусусиятҳои миқдорӣ, ки аз пайдоиши онҳо дар система шаҳодат медиҳанд, ҳисоб карда шуданд;

v. маълумоти боэътимод оид ба таъсири pH-и маҳлул ба ҳиссаи молӣ (тақсимшавӣ)-и зарраҳои комплексӣ гирифта шуд, ки аз рӯи онҳо шароити оптималии ба даст овардани комплекси гетероядерии манган ва оҳанро интихоб кардан мумкин аст. Шартҳои зарурии ташаккул ва ҳосилкунии онҳо аз маҳлул дар шакли сахт муайян гардидаанд;

vi. бори аввал ҳисобҳои собитҳои термодинамикӣ ва коркарди пурраи омории натиҷаҳои озмоиш бо усули оксредметрияи Кларк-Николский пешниҳод карда шуданд;

vii. бори аввал санҷишҳои лаборатории комплекси гетероядроии таркиби $[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2]^{2+}\cdot SO_4$ дар тухмии гандуми навъи «Полет» гузаронида шуд. Муайян гашт, ки ин комплекс ба афзоиши тухмӣ ҳангоми пеш аз кишт намкунӣ таъсири мусбат мерасонад ва метавонад ҳамчун стимулятори самараноки сабзиш ба шумор равад. Дар натиҷаи коркард дарозии навдаҳо 77,8 % ва вазни онҳо 52,3 % зиёд шуд.

Дараҷаи истифодабарии натиҷаҳо: Натиҷаҳои таҳқиқот ва константҳои термодинамикӣ ба раванди таълим ва барномаҳои таълимии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Ош аз рӯи фанҳои химияи физикӣ, коллоидӣ, координатсионӣ ва биоғайриорганикӣ ҷорӣ карда шудаанд. Методологияи таҳлили оксредметрӣ ва моделҳои математикӣ дар озмоишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотӣ барои омӯзиши системаҳои координатсионии бисёркомпонента истифода мешаванд ва усули коркарди пеш аз кишти тухмиҳо бо истифода аз комплекси синтезшудаи гетероядрой дар хоҷагиҳои тухмипарварӣ барои баланд бардоштани сабзиш ва ҳосилнокии зироатҳои ғалладона (гандуми навъи «Полёт») ҷорӣ карда шудааст.

Соҳаҳои татбиқ: Дар кишоварзӣ ва растанипарварӣ ҳамчун микронуриҳо ва стимуляторҳои самараноки нашъунамо (барои коркарди пеш аз кишти тухмиҳо бо мақсади баланд бардоштани сабзиш ва ҳосилнокӣ); дар чорводорӣ ва паррандапарварӣ ҳамчун иловаҳои хӯроки биологии фаъоли микроиловаҳо; дар тиб, фармакология ва косметология ҳамчун заминаи ояндадор барои истеҳсоли доруҳо бо фаъолияти муайяни биологӣ ва воситаҳо барои интиқоли мақсадноки доруҳо; инчунин дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми гузаронидани лексияҳо ва машғулиятҳои амалӣ аз химияи физикӣ, коллоидӣ, координатсионӣ ва биоғайриорганикӣ.

A B S T R A C T

of the dissertation by Zhorobekova Mairambu Bektemirovna on the topic:
«Processes of formation of acetate heteronuclear coordination compounds of iron(II), iron(III) and manganese(II)», submitted for the degree of Candidate of Chemical Sciences in the following specialties: 1.4.2. Inorganic Chemistry; 1.4.5. Physical Chemistry

Keywords: coordination compounds, heteronuclear complexes, heterovalent systems, iron(II, III), manganese(II), acetic acid, redox potential method, stability constants, ionic strength, mathematical modeling, chemical model, biological activity, growth stimulant.

Objects of study. Fe(III)-Fe(II)-Mn(II)-HAc-H_2O in the range of ionic strength of solutions 0.1÷1.0 mol/L and at a temperature of 298.2 K; all complexes that form in the specified system, the heteronuclear complex with the composition **$[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2]^{2+}\cdot SO_4$,** as well as the heteronuclear complex — wheat seeds of the "POLET" variety.

The purpose of the study. To study the processes of formation of heteronuclear coordination compounds in the IRONII-IRONII-manganese-acetic acid-water system, to determine their chemical composition, living conditions, thermodynamic characteristics, as well as the chemical and biological properties of the obtained complexes.

Research methods: the redox potential method using platinum and glass electrodes in a thermostated inert medium, mathematical statistics methods, as well as modern algorithms for mathematical and computer modeling to determine the composition and thermodynamic stability constants of heteronuclear iron and manganese acetate complexes.

The scientific novelty of the study:

- for the first time, a study was conducted of the processes of complex formation in the Fe(II)–Fe(III)–Mn(II)–HAc–H_2O system using the Clark–Nicholson redox potential method within the ionic strength range of 0.1–1.0 M and at T = 298.2 K; the regions of onset, existence, and dominance of complex species were identified.
- the features of obtaining heteronuclear complex particles of manganese and iron in aqueous solutions of acetic acid have been determined for the first time, their compositions, structural characteristics and basic model parameters have been found.;
- mathematical dependences and chemical schemes of complexation reactions involving cations of manganese III, iron III and iron III have been developed, consistently approximating the values of theoretical and experimental oxidative functions (by iteration), the constants of formation of complex particles have been found;
- The dependence of the reactions involving the formation of mononuclear and heteronuclear complex particles and their stability on the ionic strength of the working solution has been identified; quantitative characteristics indicating their presence in the system have been calculated.
- reliable data have been found on the effect of the pH of the solution on the mole fraction (distribution) of complex particles, according to which optimal conditions for obtaining a heteronuclear complex of manganese and iron can be selected. The necessary conditions for their formation and preparation from solution in solid form have been determined;
- calculations of thermodynamic constants and complete statistical processing of experimental results by Clark-Nikolsky oxredmetry are proposed for the first time.;
- laboratory tests of a heteronuclear complex of the composition $[Fe^{III}Mn^{II}Ac(OH)_2]^{2+}\cdot SO_4$ were conducted for the first time on seeds of the 'Polyot' wheat variety. It has been established that this complex has a positive effect on seed germination when the seeds are pre-sown moistened and can be considered an effective growth stimulant. As a result of the treatment, the length of the seedlings increased by 77.8 %, and their mass - by 52.3 %.

Degree of use. The research results and thermodynamic constants have been incorporated into the educational process at Tajik National University and Osh State University in courses on inorganic, physical, colloidal, coordination, and bioinorganic chemistry. The methodology of oxredmetry and mathematical models are used in research laboratories to study multicomponent coordination systems, and the developed method of pre-sowing seed treatment using a synthesized heteronuclear complex has been implemented in seed-growing farms to improve the germination and yield of grain crops (wheat of the "Polyot" variety).

Areas of application: in agriculture and crop production as highly effective microfertilizers and growth stimulants (for pre-sowing seed treatment to increase germination and yield of grain crops); in animal husbandry and poultry farming as biologically active microfeed additives; in medicine, pharmacology and cosmetology as a promising basis for developing medicinal products with specified biological activity and means for targeted drug delivery; as well as in the educational process at higher education institutions during lectures and practical classes on inorganic physical, colloidal, coordination and bioinorganic chemistry.